**ИСРОИЛ ИСМОИЛОВ**

# ШУҶОАТ
# ВА
# ЗАФАР

**ДУШАНБЕ**
**«ЭҶОД»**
**2005**

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 83.3. (2 тоҷик)
И-71

***Китоб бо эҳтимом ва дастгирии раиси шаҳри Панҷакент, узви Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Самадов Шакарбек Додхоевич ба табъ расидааст***

Муҳаррир ***Ховари Абулҳай***

И-71 *Исроил Исмоилов*. **Шуҷоат ва зафар**. — Душанбе: «Эҷод». 2005 с., 72 с.

«Шуҷоат ва Зафар»-ро И.Исмоилов дар тӯли тамоми умр дар замираш нигоҳ дошта, имрӯз муҳаббаташро ба хонанда ҳадя медиҳад. Музаффариятҳое, ки имрӯз насиби мост аз шуҷоату ҳамияти он ҷавонмардону диловарони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст. Ва зинда доштани ному кори некашон қарзи мост.

**М $\frac{4702540101}{М\ 503}$ - 2005**

**© Исроил Исмоилов, 2005 с.**

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## САРШАВИИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Германияи фашистӣ дар соли 1938 бе ҷанг Австрия ва Чехословакияро гирифт. Дар соли 1939, дар муддати 17 рӯз Полшаро забт карду 9 апрели соли 1939 ба Дания ва Норвегия ҳуҷум овард. Дар муддати 6 ҳафта (аз 10 май то 22 июни соли 1940) Франсия, Белгия, Голландияро ба итоати худ даровард. Баҳори соли 1941 Болгария, Югославия ва Юнонро ишғол кард. Дар ҳоле, ки Англияро бомбаборон мекард, 18 декабри соли 1940 плани «Барбаросс» — гирифтани ИҶШС-ро дар муддати 4-6 ҳафта тарҳрезӣ сохт. Гитлер гуфта буд: «Ман ҳуқуқ дорам, ки миллион одамонро аз нажоди паст нест кунам».[1]

Фашистон бо чунин шиор ба ИҶШС ҳуҷум карда буданд: «Русҳо бояд муранд, токи мо зиндагонӣ кунем», «55 фоизи украинҳо ва 75 фоизи белорусҳоро нест кардан лозим аст».[2]

22 июни соли 1941 фашистони Германия бе эълони ҷанг ба мамлакати мо ҳуҷум карданд. Ҳаёти осоиштаи халқи шӯравӣ барбод рафт.

22 июни соли 1941, соати 12-00 ба вақти Москва Ҳукумати Шӯравӣ ба воситаи радио дар бораи ҳуҷуми фашистон ба Иттифоқи Шӯравӣ изҳорот баён намуд. Дар изҳорот аз ҷумла чунин омада буд: «Бо вуҷуди қарордод оиди ба ҳамдигар ҳуҷум накардани байни ИҶШС ва Германия ва иҷрои софдилонаи шартномаҳои он аз ҷониби ИҶШС, дар давоми эътибордории аҳдномаи Ҳукумати Германия оид ба риоя накардани аҳднома ба ИҶШС ягон маротиба эътироз баён карда натавониста буд ва ба мамлакати мо ҳуҷуми таҷовузкорона овард».[3]

Дар ин изҳорот гуфта шуда буд, ки халқи шӯравӣ мефаҳмад, ки ба оташгирифтани ин ҷанг танҳо Ҳукумати Германия ҷавобгар аст. Тамоми халқи шӯравӣ ба Гитлер ва

---

1 Лелюшенко Д.Д. Москва-Сталинград-Берлин-Прага. М. «Наука», 1987, с.3.

2 Великая Отечественная война 1941-1945 гг. Изд-во «Планета, 1985, с.42.

3 История Великой Отечественной войны 1941-1945 гг. М., Изд-во Министерства обороны СССР, 1961, ч.2, с.20.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шарикони ӯ лаънат мехонанд ва баҳри ҳифзи Ватани худ тайёр будани хешро изҳор менамоянд. Ҷанг ба сари халқи шӯравӣ ва аз он ҷумла ба ноҳияи Панҷакент ғаму андӯҳи беандоза овард. Душман ба мамлакати мо бо қувваи хеле калон ҳуҷум кард. Маршали Иттифоқи Шӯравӣ А.М.Василевский навишта буд: «Дар аввали ҷанг дар назди сарҳадди ИҶШС 181 дивизия, 18 бригадаи немисҳо ва иттифоқчиёни онҳо гирд оварда шуда буд. Бо ҳамроҳии авиатсия ва флот 5,5 миллион нафар аскар дар артиш дошт. Дар ин артиш 3712 танк, 4950 самолёт, 47260 тӯп ва миномёт буд. То ҳоло таърихи инсоният чунин нерӯи азими ҳамлаоварро надида буд».[4] Мақсади Германияи фашистӣ аз он иборат буд, ки сохти Давлатии Шӯравиро барҳам диҳад, боигарии Давлати Шӯравиро гирад, дар ҷаҳон ҳукмрон бошад.

Гитлер моҳи марти соли 1941 гуфта буд: «Вазифаи мо қувваи ҳарбии Русияро торумор ва давлаташро нест кардан аст. Мубориза ба муқобили Русия — ин муборизаи ду ақида. Сухан дар бораи нест кардан меравад».[5]

Вақте ки ҷанг сар шуд мақсад: Ватанро муҳофизат кардан буд. Ҳанӯз 5 маи соли 1920 В.И.Ленин гуфта буд: «Агар ҷанг сар шавад ҳамаи манфиатҳо ба манфиати ҷанг сафарбар карда шавад».[6]

23 июни соли 1941 дар ноҳияи Панҷакент ҳамоиши меҳнаткашон бахшида ба саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ барпо гашт. Дар ин ҳамоиш мудири шӯъбаи тарғибот ва ташвиқоти Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент **Абдулаҳад Қаҳҳоров** баромад карда, қайд намуд, ки фашистони Германия ба муқобити Иттифоқи Шӯравӣ ҷангро сар карданд. Мо аз дӯғи онҳо наметарсем. Бигузор фаҳманд, ки ҷуръат ва қувваи ҳимояи ватанамонро ба онҳо нишон медиҳем. Шӯрои комиссарони халқии ИҶШС ва КТ ВКП(б) 29 июни соли 1941 ба тамоми

4 Комсомольская правда, 1971, 22 июн.
5 Великая Отечественная война. М. 1973, Политиздат, с.50.
6 Ленин В.И. ПС.С Т.41, с.117

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мардуми шӯравӣ муроҷиат карда, халқро ба муҳофизати Ватан даъват намуданд. Дар асоси ин муроҷиатнома тамоми халқӣ шӯравӣ барои муҳофизати Ватани худ бархост. Аз Тоҷикистон аз ҳар 8 нафар 4 нафар, аз 2 коммунист 1 нафар ба ҷабҳа рафт.[7]

30 июни соли 1941 Комитети Давлатии мудофиа ташкил гардид, ки Иосиф Виссарионович Сталин раиси ин комитет таъйин карда шуда буд. Ба аъзои комитет А.И.Антонов, С.М. Будёный, Н.А.Булганин, А.М.Василевский, К.С.Ворошилов, К.Г. Жуков, И.Г.Кузнетсов, В.М.Молотов, В.М.Шапошников дохил шуда буданд.[8] Комитети ҳизби коммунистии ноҳияи Панҷакент дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ташкилоти ҳизбии шаҳри Панҷакент дар байни халқи ноҳия хавфи ҷангро фаҳмонида, ёрии ҳаматарафаи халқро ба ҷабҳа таъмин мекард. Комитет кӯшиш мекард, ки ташкилотҳои ҳизбиро аз ҷиҳати ташкилӣ мустаҳкам намояд.

Дар пленуми Комитети ҳизбии ноҳия 21 январи соли 1941 масъалаи «Кори бюрои комитети ҳизбӣ аз моҳи марти соли 1940 то январи соли 1941» муҳокима карда шуд. Дар ин ҷаласа котиби якуми Комитети ҳизбии ноҳия Шароф Муҳаммадиев баромад кард. Пленум қайд кард, ки саноати ноҳия нақшаи солонаи худро барзиёд иҷро кардааст. Дар сохтмонҳои каналҳои Тӯқсанкорез ва Марғедар корҳои зиёд, аз ҷумла 478 тонн таҳшин тоза карда шуд. Ин каналҳо зиёда аз 1000 га заминҳоро об медиҳанд.

Дар он пленум Абдулаҳад Қаҳҳоров дар бораи шаклҳои ташвиқоти ҳуҷҷатҳои анҷумани XVIII ҳизб баромад карданд.

Моҳи сентябри соли 1941 **Шароф Муҳаммадиев** ба сафи Артиши сурх даъват карда мешаванд. Шароф Муҳаммадиев соли 1910 дар деҳаи Нигнот таваллуд шудаанд. Солҳои 1925-1929 дар деҳаи худ омӯзгор буданд. Соли 1927 ба сафи комсомоли ленинӣ дохил мешаванд. Солҳои 1929-1931 дар сафи Артиши сурх хизмат карда, ба муқобили босмачиён қаҳрамонона ҷангидаанд. Соли

7 Армия фронтового народа. М. «Прогресс», 1972, с.227.
8 Великая Отечественная война. М. 1973, Политиздат, с.1.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1930 ба сафи ҳизби коммунистӣ дохил мешаванд. Дар солҳои 1931-32 котиби Комитети комсомолони шаҳри Душанбе шуда, аз моҳи декабри соли 1934 вазифаи котиби якуми Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакентро ба ӯҳда доштанд. Дар ин солҳо амалиёти «тозакунии сафи ҳизб» гузаронида шуда буд.

Баъд аз он Ш.Муҳаммадиев дар вазифаҳои инструктори Комитети ҳизбии ноҳияи Ҳисор (1935-1936), котиби дуввуми Комитети ҳизбии ноҳияи Колхозобод (1936-1937), мудири шӯъбаи ҲК Тоҷикистон (1937-1939) фаъолият кардаанд. Боз ба Панҷакент омада, дар вазифаи котиби якуми Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент (1939-1941) кор карданд. Сипас, ба сафи Артиши сурх рафта, то январи 1942 дар вазифаи ташвиқотчии калони дивизияи 25 савора, аз январи соли 1942 то охири соли 1943 дар вазифаи муовини командири полк хизмат карда, бо рутбаи майорӣ аз артиш баргаштанд.

Аз моҳи декабри соли 1944 то феврали 1945 дар вазифаи раиси Комиҷроияи ноҳияи Панҷакент кор карданд. Моҳи сентябри соли 1945 Ш.Муҳаммадиевро ба вазифаи котиби якуми Комитети ҳизбии ноҳияи Колхозчиён интихоб намуданд, ки то моҳи маи соли 1948 дар он вазифа кор карданд. Баъд аз он ба нафақа баромада, 16 декабри соли 1982 дар шаҳри Душанбе вафот карданд.

Ҳизби коммунистӣ ва Ҳукумати Шӯравӣ хизматҳои Ш. Муҳаммадиевро ба назар гирифта, он касро бо орденҳои «Нишони фахрӣ» (1940), медалҳои: «Ғалаба бар Германия солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шоён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1941-1945», 3 грамотаи фахрии Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон ва дигар мукофотҳо сарфароз гардонидаанд. Хизматҳои Ш.Муҳаммадиев дар назди халқи Тоҷикистон хеле калон мебошанд. Инро бояд мо фаромӯш накунем.

Дар солҳои 1941-1942 дар вазифаи котиби якуми Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент Мирмуҳаммадов кор карданд. Дар

---

[9] Бойгонии ҳизби коммунистии Тоҷикистон, дар оянда КПКТ: ор.5758, ___.89. д.5 б, в.1.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

моҳи июли соли 1942 Мирмуҳаммадов ва мудири шӯъбаи тарғибот ва ташвиқоти ҳамин комитет Абдулаҳад Қаҳҳоров ба сафи Артиши сурх даъват карда шуданд.[9] 20 сентябри соли 1941 пленуми Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент баргузор гардид ва дар он Қизигул Муҳаммадиеваро (оилаи Ш.Муҳаммадиев) ба вазифаи котиби сеюми Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент интихоб карданд.

**Абдуллоева** *(Муҳаммадиева)* **Қизигул** соли 1910 дар Саройкамар — ҳоло Колхозобод таваллуд шудааст. Дар солҳои 1930-1932 дар вазифаи раиси бюрои шӯрои пионерони Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 1937-1939 дар вазифаи котиби КМ Комсомоли Тоҷикистон кор кардаанд. Соли 1937 он касро вакили Шӯрои Олии ИҶШС интихоб карда буданд. Пленуми Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент 30 октябри соли 1942 ба вазифаи котиби якум Қосимов Файзуллоро интихоб кард. Раиси Комиҷроияи Ғанӣ Бобоев ба аъзогии бюрои комитет пешбарӣ карда шуд.[10]

**Қосимов Файзӣ** (тав.1911 шаҳри Хуҷанд, 1989 ш.Душанбе) тарбияи аввалро дар солҳои 1927-1929 дар интернати давлатии шаҳри Хуҷанд мегирад. Омӯзишгоҳи хоҷагии қишлоқи Хуҷандро хатм карда, соли 1934 ба кори ҳизби коммунистӣ шурӯъ карда, дар вазифаи мудири шӯъбаи хоҷагии қишлоқи Комитети ҳизбии вилояти Ленинобод фаъолият мекунад. 30 октябри соли 1942 ба вазифаи котиби якуми Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент таъйин шуда, то соли 1948 ин вазифаро адо кардааст. Қосимов дар вақти фаъолияташ дар Панҷакент барои мустаҳкам кардани ташкилотҳои ҳизбӣ корҳои зиёде мебурд. Агар дар моҳи январи соли 1942 25 ташкилотҳои ҳизбӣ иборат аз 241 коммунистон буданд,[11] пас дар соли 1946 миқдори ин ташкилотҳо ба 29 расида, миқдори коммунистон ба 301 нафар мерасад.[12] Ф.Қосимов дар

---

10 БПКТ ф.5748. п.8 д. 55. в.1.
11 БПКТ ф.5748. п.8 д. 98. с.51.
12 Ҳамон ҷо н.2. д.116. в.17.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

якҷояги̅ бо раиси Комиҷроия Ғ.Бобоев тамоми колхозҳоро сафарбар намуданд, ки ба ҷабҳа ёрии ҳаматарафаи худро расонанд. Қосимов солҳои 1948-1950 раиси комиҷроияи ноҳияи Ҷиликӯл буда, баъд аз он дар дигар корҳои хоҷаги̅ кор карда омадааст.

Қосимов барои хизматҳояш бо медали «Барои меҳнати шоён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватани̅ солҳои 1941-1945», ду ордени «Нишони фахри̅» ва боз 5 медал, ду грамотаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва дигар мукофотҳо сарфароз гардонида шудааст. Дар назди ташкилоти ҳизбии ноҳияи Панҷакент гузаронидани корҳои тарғиботу ташвиқоти̅ ҳамчун вазифаи муҳимм меистод.

Пленуми Комитети ҳизбии ноҳия 13 январи соли 1942 масъалаи «Корҳои ташвиқоти̅ дар ноҳия»-ро, ки Абдулаҳад Қаххоров баромад карда буд, шунавида муҳокима кард.

Дар пленум қайд карда шуд, ки дар тамоми муассисаҳои ноҳия раванди мусобиқаҳои сотсиалисти̅ хуб ба роҳ монда шудаанд. Аксарияти колхозҳо супоришҳои давлатиро иҷро карданд. Дар бисёр ташкилотҳои ҳизби̅ тарғибгарон хабарҳои бюрои ахборро ба аҳоли̅ хонда медиҳанд.[13] Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватани̅ шахсони зерин ба сафи ҳизби коммунисти̅ дохил шуда буданд:

Соли 1941 — 22 нафар, аз он ҷумла Медведева Евгения Петровна, Низомов Отақул, Юсупов Икром; соли 1942 — 21 нафар — Бутаев Шокир, Қаробоев Кенҷа, Ҳасанов Суюн; соли 1943 — 13 нафар — Исоева Бибираҷаб, Мавлонов Раҳмонқул, Раҳимов Ҳайдар; соли 1944 — 20 нафар — Ҷӯраев Карим, Муҳиддинов Умри̅, Расулов Худойқул, Ҳакимов Вафо, Шарифов Хӯҷамурод; соли 1945 — 22 нафар — Каримов Темур, Мухторов Ҷалол, Муродов Ҳ., Мирбоев Сайёд, Тайлонов Нарзулло, Юнусов Абу.[14]

---

[13] БПКТ ф.5748. н.8 д.63. в.5.
[14] БПКТ ф.5361. н.1 д. 11. в.8.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамингуна ташкилотҳои ҳизбии ноҳияи Панҷакент бо роҳбарии Комитети ҳизбии шаҳрӣ тамоми чорабиниҳоро медиданд, ки халқи Панҷакент ҳаматарафа ба ҷабҳа ёрии худро расонанд.

## РОҲБАРОНИ КОМИҶРОИЯИ ПАНҶАКЕНТ ДАР СОЛҲОИ ҶАНГ

Дар вақти саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз соли 1941 то 1942 раиси комиҷроияи ноҳияи Панҷакент Бобоев Латиф буданд.

**Бобоев Латиф** (тав.1906, деҳаи Заврон, аз оилаи деҳқон, тоҷик, коммунист) аз соли 1939 то 1941 мудири шӯъбаи зироати ноҳияи Панҷакент шуда кор карданд. Аз моҳи апрели соли 1941 то 1942 дар вазифаи раиси Комиҷроияи ноҳияи Панҷакент фаъолият намуданд. Баъд аз ташкилшавии ноҳияи Колхозчиён котиби якуми Комитети ҳизби коммунисти ин ноҳия интихоб шуданд. Аз соли 1947 то 1958 ба вазифаҳои раиси колхози ба номи Ленин ва дигар корҳои хоҷагӣ ноил гардиданд. Барои хизматҳояшон бо ордени «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи II) ва бисёр медалҳо сарфароз гардонида шуданд.

Бобоев Латиф одами қадпаст буданд. Вақте ки ба асп савор мешуданд, ба сони кӯдаке, ки савори асп аст, менамуданд. Бобоев Латиф хоб мебинанд, ки он касро ғунда газидааст. Вақте, ки ба саҳроҳо назди колхозчиён мерафтанд, аз аспашон намефаромаданд, ки мабодо дар онҷо ғунда бошаду он касро бигазад. Он гуна, ки тақдир ногузир аст чунин мешавад ва ки ғунда ба зини аспашон мечаспад. Дар болои асп он касро мегазад. Ҳамин гуна аз заҳри ғунда вафот карданд. Ҷояшон ҷаннат бод, ки яке аз одамони обрӯманди Панҷакент буданд.

Дар соли 1942 дар роҳбарияти ҳизбӣ ва шӯравии Панҷакент дигаргуниҳои куллие ба вуҷуд омаданд. 30 октябри соли 1942

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қосимов Файзӣ котиби якуми Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент интихоб шуданд.

Соли 1942 раиси Комиҷроияи ноҳияи Панҷакент **Бобоев Ғанӣ** интихоб шуданд, ки дар ин вазифа то соли 1948 кор карданд. Дар пленуми Комитети ҳизбии Панҷакент 30 октябри соли 1942 раиси Комиҷроия Бобоев Ғанӣ ба аъзогии бюрои комитети ҳизбии ноҳия пешниҳод карда шуда буданд.[15] Ҳамин гуна, Бобоев Ғанӣ аз соли 1942 то соли 1948 аъзои бюрои Комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент буданд.

Бобоев дар пленум ва конференсияҳои ҳизбӣ баромад карда, ба таври ҷиддӣ камбудиҳои кормандони ҳизбро дар рӯяшон гуфта, ба тарбияи онҳо кӯшиш мекарданд. Он кас намехостанд, ки ягон кадри ноҳия зада шавад. Мегуфтанд: «Ояндаи ноҳия дар дасти шумоён аст. Нағз кор кунед».[16]

Он кас борҳо вакили конференсияҳои ҳизбии вилоятӣ интихоб шуда буданд.

Масалан, конференсияи якуми ҳизбии шаҳри Панҷакент 22-23 августи соли 1946 Қосимов Файзӣ, Бобоев Ғанӣ, Раҳимова М. — инструктори Комитети ноҳиявии ҳизб, Ҳамдамов Исроил — мудири шӯъбаи тарғибот ва ташвиқоти комитети ноҳиявӣ ва дигаронро ба конференсияи якуми вилоят дар шаҳри Ӯротеппа вакил интихоб карда буд.

Конференсияи дуввуми ҳизбии ноҳияи Панҷакент 6-7 марти соли 1947 ба конференсияи вилоятӣ Ф.Қосимов, Ғ.Бобоев, Х.З. Хӯҷамуродов, М.Раҳимова ҳамчун вакил интихоб карда буд.[17]

Ҳамин гуна Ғ.Бобоев дар конференсияи ноҳиявии ҳизбӣ ва вилоятӣ вакил интихоб шуда, фаъолона иштирок мекарданд.

Ғанӣ Бобоев аз моҳи сентябри соли 1944 то марти 1945 дар вазифаи котиби Комитети ҳизби коммунистӣ доир ба кадрҳо кор карданд. Боз ба вазифаи раиси Комиҷроия интихоб гардиданд.

---

15 КПКТ ф.5748 н.8.д.55.в.1.
16 КПКТ ф.5748 н.8.д.115.в.1.
17 Ҳамон ҷо д.126. в.11.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аммо чаро дар байни расмҳои раисони Комиҷроияи Панҷакент дар бинои ҳукумат расми Ш.Муҳаммадиев нест?! Хизматҳои Ф.Қосимов ва Ғ.Бобоев дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар ташкил намудани ёрии халқи Панҷакент ба ҷабҳа хеле калон аст.

Ғанӣ Бобоев соли 1905 дар шаҳри Панҷакент дар оилаи деҳқон таваллуд шудаанд. 5 маи соли 1923 ба сафи комсомоли Ленинӣ дохил гардидаанд. Ғ.Бобоев аз соли 1929 то 1931 ба сифати милиса кор карда, аз соли 1931 то 1935 сардори шӯъбаи милисаи ноҳияи Панҷакент буданд. Дар мубориза ба муқобили босмачиён милисаҳои Панҷакент бо сардории Ғанӣ Бобоев амалиёт мебурданд. Дар солҳои 1935 то 1937 вазифаи раиси колхози «Дарвозаи Шарқи Сурх» (ҳоло ба номи Х.Хӯҷамуродов)-ро адо кардаанд. Баъд раиси кооператсияи ноҳия буданд. 29 октябри соли 1939 Ғ.Бобоевро вакили халқ дар Шӯрои вилояти Ленинобод интихоб карда буданд…

Ғанӣ Бобоев дар охирҳои умрашон ба бозори колхозии Панҷакент сардорӣ карда, дар ободонии он мекушиданд. Агар ҷамъбаст карда гӯем, Ғанӣ Бобоев яке аз шахсони беҳтарини Панҷакент буданд. Номи неки он кас дар таърихи Панҷакент абадӣ мемонад.

Дар ин солҳо раисони ҷамоатҳои Хурмӣ — раисаш Ёқубов Эгам, Навобод — Тоҳир Бутаев, Уртақишлоқ — Худойбердӣ Тӯраев ва дигарон нағз кор карда меомаданд.

Дар бораи Худойбердӣ Тураев мухбир Бобо Расулзода дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (31 маи соли 1967) мақолаи «Ташаккур»-ро чоп кардааст. Соли 1941 фашистони лаин ба мамлакати мо ҳуҷум карданд. Халқ ҳаматарафа ба Артиши Сурх кӯмаки худро мерасонд. Мардум асп, зин, гов, гӯсфанд, ғалла, тухм, равған ва дигар маводи заруририро ҷамъ карда, ба ҷанговарон равона мекарданд. Моҳи марти соли 1942 раиси шӯрои қишлоқи Уртақишлоқ Худойбердӣ Тӯраев пагоҳирӯзӣ роҳи ноҳияро пеш гирифт. Ба бонки давлатӣ даромада, 25 ҳазор сӯмро ба ёрии Артиши Шӯравӣ фиристонид. Аз байн чанд рӯз нагузашта, ба номи Худойбердӣ Тӯраев аз Москва барқия омад,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки дар он гуфта шуда буд: «Барои ёрӣ ба Артиши Сурх кардаатон ташаккур! Сарфармондеҳи олӣ И.В.Сталин». Тӯраев бо 3 грамотаи фахрии Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

## ПАНҶАКЕНТИҲО ҚАҲРАМОНОНА МЕҶАНГАНД

Шоир Мирзо Турсунзода навишта буданд:

*Бо душмани гаддори бадандеш биҷангем,*
*Мо насли ҷавон аз ҳамагон беш биҷангем.*
*Як тан шуда доим ба сафи пеш биҷангем,*
*Баҳри зафари мамлакати хеш биҷангем.*

Дастпарварони Панҷакент дар ҷанг қаҳрамониҳо нишон медоданд. Панҷакенти мо ду қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ дорад, ки ба ин фахр мекунем. Яке аз он **Панфилов Михаил Михайлович**, соли 1915 дар деҳаи Грачевски вилояти Куйбышев таваллуд шудааст. Соли 1938 ба шаҳри Панҷакент омада, кор ва зиндагӣ мекард. Моҳи августи соли 1941 ба артиши амалкунанда рафта, дар муҳорибаи Курск, озод намудани шаҳри Харков, гузаштан аз дарёи Днепр иштирок кардааст. 5 октябри соли 1943 дар яке аз минтақаҳои ҷабҳа душман платсдарми дар соҳили рости дарёи Днепр, дар наздикии қишлоқи Бабаевкаро ишғол карда, аскарони моро барҳам доданӣ шуда, ба ҳуҷум гузашт. Қувваҳои зиёди аскарони пиёдаи душманро танкҳо ва авиатсия дастгирӣ мекарданд.

Ҳангоми яке аз лаҳзаҳо ба муқобили тӯпи сержанти калон Панфилов як танки «паланг» ду танки миёна ва як танки сабук равона карданд. Панфилов бо якчанд тири тӯп як танки миёна ва як танки сабукро нобуд кард. Сержанти калон М.Панфилов

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бо тӯпи танкзании худ аз моҳи июл то моҳи октябри соли 1943 3 танк, 2 автомашинаи пурбору аскардор, 6 пулемёт, 3 батареяи миномётӣ ва қариб 100 нафар фашистонро несту нобуд кард.

Ба М.М.Панфилов барои ба расчети тӯп моҳирона фармондиҳӣ карданаш ва дар ҷангҳои зидди истилогарони немис корнамоӣ карданаш бо Қарори Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 26 октябри соли 1943 номи Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ дода шуд.

Панфилов баъд аз ҷанг ба Панҷакент омада, дар вазифаи муовини раиси комиҷроия кор мекард. Ӯ яке аз дӯстони ман буд. Баъд аз он ба шаҳри Самарқанд кӯчид. Хонааш дар назди вокзали роҳи оҳан буд. Вақте ки ман ба Сталинобод сафар мекардам, ба назди ӯ мерафтам. Ӯ ба вокзал омада бе навбат ба ман чипта гирифта медод.

Дигарӣ, **Разин Иван Петрович** — Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ (тав.1922 вилояти Саратов мебошад). Оилаи Разинҳо соли 1937 ба шаҳри Панҷакент кӯчида омаданд. Ӯ дар мактаби № 1 мехонд ва онро хатм кард. Солҳои 1941-1943 дар омӯзишгоҳи ҳарбии авиатсионии шаҳри Оренбург таҳсил кардааст. Моҳи феврали соли 1943 пас аз хатми омӯзишгоҳ ба артиши ҳаракаткунандаи ҷабҳаи якуми назди Балтика фиристода мешавад.

Лейтенант Разин лётчики полки ҳуҷумкунандаи авиатсионӣ буд. Дар давраи амалиёти ҷангӣ, дар ҷабҳаи 1-уми Прибалтика ва ҷабҳаи 3-юми Украина барои нест кардани қувваи зинда ва техникаи душман 134 маротиба ба ҷанг баромадааст. Вай дар рахна намудани хатти ниҳоят сахти мудофиаи душман дар ноҳияи Духовщина, Ярсево, Смоленск ва Днепр, инчунин дар барҳам додани гурӯҳе, ки шаҳрҳои Ясса, Кишинев ва Будапештро иҳота карда буданд, иштирок кардааст. Разин дар амалиёти назди Днепр қаҳрамонӣ нишон дод. Ӯ дар 16 парвози ҷангӣ 9 дзот, 2 танк, автомашинаи сабукрав ва 6 тӯпро зада нобуд кард ва барои ин бо ордени Байрақи Сурх мукофотонида шуд.

Разин барои торумор гардонидани артиши немисони ба сӯи Дунай раванда рӯзе 3-4 маротиба ба ҷанг медаромад. Вай 6 танк,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

12 автомашина, 2 бронетранспартер ва ғайраҳоро оташ зада аз кор баровард. Сари синаи летчики шердилро ордени «Ҷанги Ватанӣ» дараҷаи 1 оро дод. Ба И.П.Разин барои мардонагӣ ва корнамоӣ кардан ба муқобили қувваи зинда ва техникаи душман ва талафоти калон расониданаш бо Қарори Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 18 августи соли 1945 номи Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ дода шуд. Сари синаи қаҳрамонро ордени «Ленин», 2 ордени «Байрақи Сурх». 2 ордени «Ҷанги Ватанӣ», 2 ордени «Ситораи Сурх» ва 12 медалҳо зиннат доданд. Пайчиёни сурхи ин мактаб муайян карданд, ки Разин дар институти политехникии шаҳри Краснодар муаллим шуда кор мекунад. Ӯро ба Панҷакент даъват карданд. Қаҳрамон омад. Бюрои Комитети ҳизбии шаҳр ва комиҷроияи Вакилони меҳнаткашони шаҳр 6 октябри соли 1967 якҷоя қарор карданд, ки мактаби рақами 1 ба номи Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ И.П.Разин гузошта шавад. Ин мактаб 31 сол ба номи Разин буд. Аммо 13 октябри соли 1998 Ҳукумати Панҷакент (раисаш Мирзоев Рашид) қарор баровард, ки мактаби № 1 ба номи собиқ раиси Комиҷроияи шаҳр Мақсуд Икромов гузошта шавад. Ба ин қарор мушовири Ҳукумати шаҳри Панҷакент Мардонқул Азизов 11 ноябри соли 1998 чунин менависад: «Қарори Комиҷроия оид ба гузоштани номи Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ И.Разин аз ҷониби ҳукумати болоӣ бекор карда нашуда, қарори мазкур қабул карда шуд, ки ин ғайриқонунӣ аст». Ин рафтор нисбат ба Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ беадолатӣ аст.

**Ҳотамов Абдулқосим** — разведчик. (тав.12.X.1922 қишлоқи Артучи ноҳияи Панҷакент, 25.04.1945 қишлоқи Заурман назди Берлин).

Дар моҳи декабри соли 1941 ба сафи Артиши Сурх даъват карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои бойгонии полковники ба истеъфобаромада Раҳмон Сафаров шаҳодат медиҳанд, ки Ҳотамов ҳамчун разведчики ҷасур қаҳрамониҳои бисёр нишон додааст. Ӯ дар полки 38 дивизияи пиёдагарди IV хизмат кардааст. Дар он ҷо сахт ярадор шуда, аз феврали соли 1942 то июли соли

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1942 дар госпитал хобида, баъд аз он ба полки 460, дивизияи 100 артиши 40, ҷабҳаи Воронеж фиристода мешавад. Ӯ боз сахт ярадор мешавад ва баъд аз он ба хонааш ҷавоб медиҳанд, аммо ин таклифро рад намуда, боз ба ҷабҳа меравад.

Ҳотамов бо гурӯҳи разведкачиён ба ақибгоҳи душман рафта, аз посгоҳи полки фашистон қаровули онро гирифта меояд. Бори дигар, пулемётчии душманро кушта, пулемёташро бо ду «забон» ба полки худ меорад. Бори дигар, гурӯҳи разведкачиёне, ки Ҳотамов дар он буд, 20 нафар фашистонро кушта, ду нафари онҳоро асир карда меоранд. Бори дигар зиёда аз 100 нафар гитлерчиёнро куштанд, ки 20 нафари онҳоро Ҳотамов кушт. Дар як амалиёти ҷангӣ шахсан Ҳотамов 7 гитлерчиёнро ба асирӣ гирифта омад. Дар як ҷанги дигар бо транспартёр рафта, транспартёри душманро ба даст дароварда, бо он ба душман ҳуҷум карда, бисёр душманонро торумор мекунад. Маротибаи дигар гурӯҳи разведкачиёни Ҳотамов дар даруни як боғ ба бемористони фашистон во мехӯранд. Дар он ҷо қаровулонро нест карда, самолёти санитариро оташ зада, якчанд мошинҳои немисҳоро ғанимат гирифта, ба қисми худ меоранд. Дар ҷанги дигар 43 гитлерчиёнро кушта, якчанд пулемётҳоро ғанимат мегиранд. Ҳамаро аз дарёи Неис аввалин шуда ба он тарафи соҳил гузашта барои гузаштани аскарони мо замина тайёр кард.

Ӯ дар ҷабҳа ба аъзогии ҳизби коммунист дохил шуд. Ӯ дар аризаи худ навишта буд: «Ман ки аъзои ВЛКСМ аз июни соли 1943 ҳастам, мехоҳам ба сафи ҳизби коммунист дохил шавам. Зеро барои узви ҳизби пуршарафи коммунистӣ будан худро тайёр ҳисоб мекунам». Ӯ дар моҳи феврали соли 1944 ба номзадии ҳизб ва аз 31 августи соли 1944 ба аъзои он қабул шуда буд. Ҳотамов 24 августи соли 1945 дар назди Берлин сахт ярадор шуда, 25 апрели соли 1945 дар бемористон вафот мекунад.

Дар бораи Ҳотамов ду карат Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ, генерал-полковник Д.Двагунский навишта буд, ки «фарзанди халқи тоҷик Ҳотамов қарзи фарзандии худро дар назди Ватан сарфарозона иҷро намуд. Халқи тоҷик бифахрад, ки

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҳотамов мардонагӣ ва қаҳрамониҳо нишон дода, бо орденҳои «Ситораи Сурх», «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи дуюм) ва 4 медали «Барои шуҷоат» мукофотонида шудааст». Ҳуҷҷатҳои Ҳотамов шаҳодат медиҳанд, ки ӯ сазовори унвони Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ мебошад. Аммо бо кадом сабабҳо ӯ ин унвонро нагирифт, ба мо маълум нест.

Шуҷоату қаҳрамониҳои Ҳотамов дар китобчаи «Захмҳои боди фурӯдин», ки аз шарафи Раҳмон Сафаров, Исмоилов Исроил, Мисбоҳиддини Нарзиқул тайёр карда шуд ва нашриёти «Адиб» соли 1999 чоп намуда, нақл карда мешавад.

**Бобоев Юнус Ёқубович** — тав.1921 деҳаи Амондара, ноҳияи Панҷакент, ваф. июли соли 1994 ш.Душанбе.

Соли 1941 ба ҷабҳа меравад. Хизмати ӯ аз полки тӯпчиёни шаҳри Тифлис оғоз шуд. Ӯ ҳамчун командир взвод бо тиру тӯпаш душманро аз Қавқоз то Вена саркӯб пеш кард. Батареяи 76 миллиметраи лейтенанти калон Юнус Бобоев дар озод кардани Қавқоз, Югославия, Румыния, Булғория, Чехословакия, Австрия иштирок карда, дар таърихи ҷанг бо хатти зар сабт гардид.

Дар артиш соли 1943 ба сафи ҳизби коммунист дохил шуд. Ҳизб ва ҳукумат хизматҳои ин ҷанговари матиниродаро бо ду орденги «Ҷанги Ватанӣ» ва «Александ Невский» ва 17 медалҳо қадр карданд. Баъд аз ҷанг ҳаёти майори мустаъфӣ комилан бо корҳои ҳизбӣ ва омӯзгорӣ гузашт. Ба ӯ унвони «Муаллими хизматнишондодаи мактабҳои ҶШС Тоҷикистон» дода шуд. Ӯ дорандаи нишони «50 сол дар ҳизби коммунисташ» аст. Бобоев 3 писарро тарбия карда аст, ки якеш генерал-майор, дигараш полковник ва сеюмаш доктори илмҳои математика, профессор мебошанд.

Вақте ки ман ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент соли 1937 дохил шуда будам, Юнус Бобоев сардастаи гурӯҳи пионерони мо буд. Вақте ки соли 1957 ба аспирантураи Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе дохил шудам, Юнус Бобоев котиби комитети ҳизбии донишгоҳ буд. Дар тарбияи ман хизматҳои ӯ хеле калон аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар зери роҳбарии ӯ ман 19 сол котиби ташкилоти ҳизбии факултет будам.

Яке аз иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ **Разоқов Қутбиддин** мебошад. Ӯ соли 1942 ба ҷабҳа рафта, то охири он ба муқобили фашистон мардонавор меҷангад. Бо фармони сарфармондеҳи қувваҳои ҳарбии ИҶШС И.В.Сталин ба Қ. Раззоқов барои гирифтани шаҳрҳои Верванде, Темпелбург, Фалкинбург, Лодз, Берлин ва дигарҳо 17 раҳматнома дода шудааст. Баъд аз ҷанг дар вазифаҳои мудири шӯъбаи маорифи Панҷакент, директори омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, раиси касабаи коркунони маорифи халқи шаҳр кор кардааст. Барои хизматҳояш дар назди Ватан бо орденҳои «Ситораи Сурх», «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи I, II) ва бисёр медалҳо сарфароз гардонида шудааст.

Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ директори омӯзишгоҳи ноҳия Қ.Раззоқов дар рӯзномаи «Коммунисти Панҷакент» 23 феврали соли 1948 дар мақолаи «Корнамоиҳои ҷангии ман» навиштанд: «Ман то ба сафи Артиши Шӯравӣ рафтанам дар мактаби миёнаи № 1 дар вазифаи директорӣ кор мекардам. Вақте ки Германияи гитлерӣ ба Ватани гул-гул шукӯфони мо аҳдшиканона ҳуҷум сар кард, рафиқ Сталин дар худи ибтидои ҷанг халқи шӯравиро пешакӣ огоҳ кард, ки душман қаттол ва беамон аст, масъала дар бораи ҳаёту мамот, дар бораи озод намудан ва ба ғуломӣ гирифтор шудани халқамон рафта истодааст. Тамоми халқи шӯравӣ ба даъвати рафиқ Сталин ҳамроҳ шуда, барои муҳофизат намудани музаффариятҳои Инқилоби Кабири Октябр ба муқобили душмани девонашуда бархост.

Ман дар қатори миллионҳо фарзандони халқи тоҷик соли 1942 ба сафи Артиши Шӯравӣ рафтам. Ман барои пурра аз худ кардани техникаи ҳарбӣ аввал ба омӯзишгоҳи ҳарбии Харков дохил шуда, дар моҳи декабри соли 1942 ин мактабро бомуваффақият ба охир расондам ва номи ҳарбии лейтенанти хурдро гирифтам. Дар соли 1943 маро бо як гурӯҳ тамомкунандагони омӯзишгоҳ ба ҷабҳаи Брянск фиристоданд,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки ман ба ҷабҳаи якуми Белоруссия дохил шуда, то моҳи июни соли 1943 номи лейтенант — командири взводи оташфишониро гирифтам. Ман бо ҳамроҳии ҷанговарони диловар ба муқобили душман қаҳрамонона ҷангида, дар рафти ҷанг садҳо шаҳрҳо ва ҳазорҳо қишлоқҳои Ватанамро аз фашистони мурдор тоза намудам. Дастаи ман аз дарёҳои Днепр, Висла ва Одер гузашта, садҳо нуқтаҳои оташфишонии душманро рахна кард. Ман дар озод намудани шаҳрҳои Минск, Бобруйск, Варшава, Лодз, Франкфурт ва ғайра иштирок намуда, ҷангкунон то Берлин рафтам. Ман дар рафти ҷанг фармонҳои командирҳоро бо сарбаландӣ иҷро намудам ва сазовори 18 раҳматномаи рафиқ Сталин гардидам. Ҳизб ва Ҳукумат хизматҳои шоёни ҷангии маро ба назар гирифта, маро бо ордени «Ситораи Сурх», ордени дараҷаи якум ва дуввуми «Ҷанги Ватанӣ», медалҳои «Барои озод намудани Варшава», «Барои гирифтани Берлин» ва «Барои ғалаба аз болои Германия дар ҶБВ соли 1941-1945» сарфароз намуданд. (Баъд аз соли 1948 Қ.Раззоқов бо якчанд ордену медалҳои дигар мукофотонида шуда буданд).

Баъд аз музаффарона ба анҷом расондани ҷанги Ватанӣ мо боз ба давраи осоишта шурӯъ намудем. Баъди аз сафи артиш ҷавоб шудан, ман боз ба вазифаи пештараи худ, директории мактаби миёнаро ба ӯҳда гирифтам. Дар мактаб барои тарбия намудани кадрҳои солим монда нашуда, тамоми қувваи худро сарф намудам. Ташкилоти ноҳиявӣ хизматҳои барҷастаи маро ба назар гирифта, директори омӯзишгоҳи омӯзгорӣ таъйин намуд. Ман дар ин вазифа фидокорона кор карда, барои маорифи халқ садҳо нафар кадрҳои боихтисос тайёр менамоям».

**Қаҳҳоров Иброҳим** (тав.1925 қишлоқи Ғарибак) 18 декабри соли 1942 ба сафи Артиши Сурх рафта 24 апрели соли 1949 баргашт. Моҳи декабри соли 1943 дар шаҳри Житомир ба ҷанг даромада, дар Берлин ҷангро тамом кард. Соли 1944 дар шаҳри Тернопол ба муҳосира меафтад. Командир ба Иброҳим фармон медиҳад, ки бо «Максими» худ роҳи мудофиаро мустаҳкам нигоҳ дорад. Немисҳо ҳуҷум мекарданд. Пулемёти Иброҳим чун ба кор

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даромад, қисми душман дастҳои худро баланд бардошта асир шуданд. Ҳамин тавр 18 апрели соли 1944 ӯро ба сафи комсомоли Ленинӣ қабул карданд.

Дар муддати ҳафт сол Иброҳим Қаҳҳоров дар артиши 60-ум, полки 873 артиши танкии 2503 ва дигар қисмҳои ҳарбӣ хизмат кардааст. Ӯ бо ду орден ва 17 медал сарфароз гардонида шудааст.

Аз рӯзномаи «Зарафшон» 9 майи соли 1980 дар мақолаи «Аз Ғарибак то Берлин» чунин нақли Иброҳим Қаҳҳороро мехонем: «Моҳи апрели соли 1944 фашистон барои забт намудани шаҳри Тернополи Украина девонавор ҳуҷум мекарданд. Ба батареяи артиллерии мо фармон шуд, ки онҳоро ба нишон гирем. Фармон ба зудӣ иҷро гардид. Вале душман фиребу найрангро ба кор мебурд. Командири алоқа моро наздаш хонда, супориш дод, ки бо пулемёт дар ҷои муқаррарӣ ҳозир шавам ва ба онҳое, ки хатти мудофиаро вайрон кардаанд, зарбаи ҳалокатовар занем. Дар ин мавридҳо ба мо ҷанговарон меҳри Ватан, ҳисси баланди қасосгирӣ, нафрати олӣ ба хоин имкон медоданд, ки пеш равем, шуҷоату корнамоӣ нишон диҳем. Барои адои муваффақиятноки супориш ба ман ордени «Ситораи Сурх» доданд ва дар вазъияти тантанавӣ ба сафи комсомоли Ленинӣ қабул карданд. Ман чунин лаҳзаро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам.

Аз деҳаи мо 68 нафар писарон ба душман рӯбарӯ шуданд. Аз онҳо Нурмаҳмад Бегов, Раҳмонбердӣ Ҷӯраев, Мустафоқул Нуров, Сангин Султонмуродов, Ҳасанбой Муҳаммадов ва ҷамъи дигарон барин, ки 37 нафаранд, баҳри Ватан ҷон доданд. Ба ман муяссар шуд, ки то Берлин ҷангкунон рафта, баъд аз ҷанг ба қишлоқ оям».

**Нӯъмонов Усмон** — тав.1916, шаҳри Панҷакент, аз оилаи деҳқон. Моҳи декабри соли 1939 ба сафи Артиши Сурх даъват карда мешавад. Вақте ки ҷанг сар шуд, ӯ дар ҳайати артиши чоруми ҷабҳаи марказӣ ҳамчун разведкачӣ хизмат кард. Нӯъмонов дар муҳорибаҳои Минск, Смоленск иштирок кард. Баъд аз он дар сафи артиши панҷуми Украина ҳамчун наводчик

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба муқобили фашистон ҷангидааст. Моҳи маи соли 1945 бо сабаби маҷрӯҳӣ аз артиш озод карда мешавад.

Нӯъмонов барои қаҳрамонӣ ва диловарӣ нишон доданаш бо ду ордени «Байрақи Сурх» ва 12 медал мукофотонида шудааст. Тӯпи ҷангии ӯ дар музеи шаҳри Житомир ҳамчун намоя гузошта шудааст.

**Одинаев Сергей** — соли 1919 дар қишлоқи Зимтӯти ноҳияи Панҷакент ба дунё омадааст. Соли 1939 ба сафи Артиши Сурх рафта, соли 1945 бармегардад. Хизмати худро дар ҳайати полкҳои 136, 727, 11/47, 642, 342-уми гаубитса адо кардааст. Командири даста шуда, унвони лейтенанти калонро гирифтааст. Баъд аз ҷанг дар хизмати ҳизби коммунист кор кардааст. Ӯ бо орденҳои: «Байрақи Сурхи меҳнат», «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи 2-ум), «Ситораи сурх», ду ордени «Нишони фахрӣ», 17 медал, 19 грамота ва дигар мукофотҳо сарфароз карда шудааст.

**Назаров Шамсиддин** — (тав.1912 деҳаи Ғарибак, 1 ноябри соли 1989 дар ҳамон ҷо, аз оилаи деҳқон, тоҷик, коммунист)

Мактаби коммунистии коркунони хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро хатм кардааст (1937-1939). Аъзои комсомол (1929), КПСС (1938). Солҳои 1931-1934 коркуни Иттифоқи касабаи колхозҳои ноҳияи Панҷакент, директори заводи биринҷи ноҳия, мудири шӯъбаи тарғибот ва ташвиқоти комитети ҳизбии ноҳияи Куйбышев. Иштирокчии Ҷанги бузурги Ватанӣ (1942-1945), қумандони қисми пулимётчиҳо, сардори раёсати хоҷагии қишлоқи ноҳияи Панҷакент ва Колхозчиён (1946-1952), раиси колхози «1 май» (ҳоло ба номи Назаров 1952-1956). Дар он вақт коргоҳи барқии колхозӣ сохта, аз ҳар гектар замин 50 сентнерӣ шолӣ гирифта буданд, раиси шӯрои қишлоқи Хурмӣ (1962-1965).

Раёсати Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон 14 январи соли 1942 барои фаъолона иштирок карданашон дар сохтмони роҳи Сталинобод-Қурғонтеппа бо грамотаи фахрии худ мукофотонид. Назаров барои хизматҳояшон дар назди Ватан бо орденҳои «Ситораи Сурх», «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи якум) ва 13 медал мукофотонида шудаанд. Дар вақти ҷанг 3 маротиба ҷароҳати

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вазнин бардоштанд. Дар сохтмони купруки Ғарибак-Панҷакент, ки соли 1988 ба истифода дода шуда буд, фаъолона барои кори савоб иштирок карда буданд.

Бо ташаббуси он кас дар қабристони қишлоқи Ғарибак сарпаноҳ аз барфу борон, ки одамон дар зери он фотиҳа мехонанд ва лавҳаи поси хотири шаҳидоне, ки аз қишлоқи Ғарибак дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок шудаанд, сохта шуд. Ба номи Ш.Назаров колхози қишлоқ гузошта шудааст.

**Нозимов Раҳим** — эшони Раҳим (тав.1920 деҳаи Хӯҷапанҷ, аз оилаи деҳқон). Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар сафи Артиши Сурх то ба охири ҷанг ба муқобили фашистони Германия қаҳрамонона ҷангидаанд. Р.Нозимов бо медалҳои: «Ғалаба бар Германия солҳои 1941-1945», «Бистсолагии ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945», «Чилсолагии ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945», «Панҷоҳсолагии ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945», «Панҷоҳсолагии қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС», ордени «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи дуввум), нишони «25 солагии ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ», медали Жуков ва дигар мукофотҳо сарфароз карда шудаанд.

Низомов дар муҳорибаҳои озод намудани Украина, Венгрия, Румыния, Австрия, Чехословакия, Германия фаъолона иштирок намудаанд. Баъди аз ҷабҳа баргаштан дар колхози ба номи Жданов аввал колхозчӣ, сипас дар вазифаи мудири мағоза, 13 сол табелчӣ ва қаровули кӯҳ шуда кор кардаанд. Эшони Раҳим аз авлоди Халифа Ҳасан мебошанд. Модарашон Зумрадой духтари амаки Абулқосими ман буданд. Эшон маълумоти хуби динӣ доранд. Яке аз одамони пешқадами ҷамоатҳои Навобод ва Хурмӣ ҳастанд. Ҳама вақт барои хондани намози ҷума, ба деҳаи Ғарибак омада, хешу таборонро дида мераванд. Ҳар сол, ки ман ба Тошканд равам, ба деҳаи онҳо рафта, эшонро зиёрат карда, дуои нек мегирам. Дар қабристонашон дар ҳаққи апаи Зумрадой дуову фотиҳа мекунам.

Фарзандони эшони Раҳим Мубашшир, Абдувалӣ, Маҳбуба, Низомиддин, Абдунақиб, Меъроҷиддин мебошанд. Ҳамаи ин

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фарзандон одамони беҳтарин буда, маро ба дараҷаи аъло ҳурмату иззат мекунанд.

**Бобоҳоҷиев Ҳошим** соли таваллудаш 1924, тоҷик, ефрейтор, зодаи шаҳри Панҷакент, кӯчаи ба номи Свердлов, ҳавлии № 7. Хизматро соли 1942 дар шаҳри Пенза оғоз намудааст. Сипас ба шаҳри Тамбов рафта, дар ҳайати дастаи автоматчиёни полки 87-уми алоҳидаи танкии дивизияи 7-уми савор采 гвардияи ордени Байрақи Сурх ва Багдан Хмелнитскийдори житомирии ҷабҳаи якуми Украина ба муқобили фашистони истилогар далерона ҷангидааст. Дар чандин амалиётҳои калон барои озод кардани шаҳри Харков фаъолона ширкат варзидааст. Соли 1943 дар шаҳри Житомир маҷрӯҳ гардида, баъди табобат боз ба саф баргаштааст.

Дар варақаи мукофотии Бобоҳоҷиев Ҳошим чунин навишта шудааст: «Муовини командири отделенияи ротаи автоматчиёни полки 87-уми алоҳидаи танкӣ Бобоҳоҷиев Ҳошим 26 июли соли 1944 дар муҳорибаи назди маҳаллаи Рубетско дар ҳайати десантчиёни танксавор амал намуда, нуқтаҳои муқовимати душманро ошкор ва диққати танкчиёнро ба он ҷалб мекард. Дар натиҷа, ин нуқтаҳо, аз ҷумла тӯпи танкзани гитлерчиён, ки ба пешравии рота халал мерасонид, нобуд карда шуд. Баъди ду рӯз дар рафти ҷангҳо барои озод намудани маҳаллаи Динов аз автоматаш оташ кушода, афсар ва ронандаи автомашинаро маҳв кард. Пас, автомобили душман ҳам фано шуд. Дар давраи аз 23 то 28 июл шахсан 10 аскар ва як афсари немисро нобуд кард. Бобоҳоҷиев сазовори ордени «Ситораи Сурх» аст.

Фармондеҳи полки 87-уми алоҳидаи танкӣ, подполковник Бортсов,2 августи соли 1944»

Фармондеҳи дивизияи 7-уми саворахи гвардияи ҷабҳаи 1-уми Украина ба номи раёсати Шӯрои Олии ИҶШС дар қатори 71 нафар ҷанговарон ҷанговар Бобоҳоҷиев Ҳошимро бо ордени «Ситораи Сурх» мукофтонидааст.

Иштирокчии бевоситаи ҳамин набард, собиқ сардори штаби полки 87-уми алоҳидаи танкии ордени «Байрақи Сурх»-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дори Житомир полковники мустаъфии гвардиягӣ Фридман О.Я. дар ёддоштҳояш муфассалтар овардааст:

«Дар ибтидои амалиёти калонмиқёси Львов — Сандомир моҳи июли соли 1944 Бобоҳоҷиев Ҳошим аз табобатгоҳ ба полкамон баргашт. Ҳамчун ҷанговари бо интизом ва чусту чолок камол ёфта буд.

...танкчиён қатъи назар аз тирпарронии пуршиддати немисҳо суръату самти ҳаракатро меафзуданд. Бобоҳоҷиев паси манораи танк истода, мавқеъи тупчиёни душманро ошкор мекард, ба танкчиён хабар медод.

Дар ин задухӯрдҳо Бобоҳоҷӣ шуҷоату мардонагӣ зоҳир намуда, чандин гитлерчиёнро нобуд кард. Ӯ бо се ордени «Шараф» (дараҷаи 3) сарфароз гардид. Соли 1945, баъди анҷоми бобарори амалиёт дар соҳили дарёи Одер бо медали «Барои шуҷоат» қадр карда шуд. Ҷангро дар соҳили дарёи Дрезден ба охир расонид.

Баъд аз ба Панҷакент омадан мудири шӯъбаи маданият, котиби Комиҷроия, мудири шӯъбаи маориф, солҳои зиёд сарвари Иттиҳодияи истеҳсолии тамокуву консерв, Иттиҳодияи агросаноатии шаҳри Панҷакент буд. Боз барои меҳнати содиқона бо ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат», «Инқилоби Октябр», ифтихорномаҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра сарфароз гардонида шудааст».

Вақте ки ин суханҳоро аз китоби Р.Сафаров рӯйбардор мекардам, солҳои таҳсил дар омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент ба хотирам омад. Ӯ аз ман ду сол пештар мехонд, аммо рафиқи беҳтарини ман буд. Мо тамоми умрамон дӯстони ҷонӣ ҳастем. Чи хел ман хурсанд ҳастам, ки Ҳошимбой сиҳат саломат омаданд. Бародарашон Бобокалон дар ҷабҳа ҳалок шуданд.

**Шарипов Ҳотам** (тав.15 апрели соли 1922, деҳаи Шинг). Моҳи ноябри соли 1941 ба сафи Артиши Сурх даъват мешавад. Падараш Ғафуров Шариф соли 1919 вафот кард. Модараш Нуралиева С. соли 1951 вафот кардааст. Бародараш Шарифов Туракул — полковники милиса дар шаҳри Самарқанд зиндагӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекунад. Ҷангро аз шаҳри Ленинград оғоз намуда, дар озодкунии Украина, Полша, Чехословакия, Берлин иштирок кардааст. Тирамоҳи соли 1948 аз артиш озод шуда, ба деҳааш меояд. Баъд аз ҷанг 3 сол дар шаҳри Берлин минакоб шуда хизмат кардааст. 7 июли соли 1945 ба ордени «Ситораи Сурх», ноябри соли 1945 ба медал «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945», 20 феврали соли 1948 ба медал «Барои гирифтани Берлин», 3 октябри соли 1966 «Бистсолагии Ғалаба», 17 ноябри соли 1975 ба медал «Сисолагии Ғалаба», 20 феврали соли 1970 ба медал «50-солагии Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС», 1 майи 1985 ба медали «Чилсолагии Ғалаба», 22 феврали 1979 ба медали «Шастсолагии қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС», 11 марти соли 1985 ба ордени «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи якум), соли 1988 медал «Ҳафтодсолагии Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС», соли 1981 ба медали «Ветерани меҳнат» сарафроз гардидааст. Соҳиби 10 фарзанд.

Ӯ 31125 минаҳои душманро бехатар мекунад.

Яке аз иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ **Нишонов** (тав.13 декабри соли 1922, деҳаи Уртақишлоқ, 14 июли соли 1972 ҳамин ҷо, ӯзбек, аъзои ҳизби коммунист аз соли 1948).

Нишонов соли 1941 ба ҷабҳа меравад. Дар яке аз ҷангҳои назди Воллов якчанд аскарони немисро ба асирӣ гирифта, ба штаби худ меорад. Барои ин қаҳрамониаш бо ордени «Ситораи Сурх» мукофотонида мешавад. Баъд аз ҷанг дар ташкилотҳои ҳизби коммунистӣ кор мекунад. Ӯ бо ду орден ва 6 медал сарфароз гардонида шудааст. (А.Мирасинов).

Дар ҷабҳа **Бобораҷабов Даврон** (тав. 5 маи соли 1922 ш.Панҷакент, 24 январи соли 1994 ҳамин ҷо) хизматҳои шоён кардааст. Ӯ соли 1943 ба сафи Артиши Сурх рафта, то охири ҷанг ҳамчун командири взвод дар полки 113 гвардиявии қушунҳои гурӯҳи марказӣ мардонавор меҷангад. Баъд аз ҷанг солҳои 1956-1961 дар вазифаи муовини аввали Комиҷроияи ноҳияи Панҷакент кор карда, дар сохтмони канали Марғедар ҳиссаи худро

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гузоштааст. 9 июни соли 1960 канали Марғедар кушода шуда буд ва дар он Бобораҷабов иштирок дошт.

Барои хизматҳояш ӯ бо орденҳои «Байрақи Сурхи Меҳнат», «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи 1), 9 медал ва грамотаҳои фахрии Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон сарфароз шудааст. Ҳоло дар шаҳри Панҷакент як кӯча ба номи ӯ гузошта шудааст.

**Қутбиддин Разоқов** (тав.1917, шаҳри Панҷакент)

Сарвари мактаби миёнаи № 3 Аминҷон Хуҷамуродов дар рӯзномаи «Зарафшон» 8 маи соли 1997 менависад, ки Қутбиддин Раззоқов соли 1917 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шудааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ пас аз хатми курси шашмоҳаи омӯзишгоҳ аз муаллимии синфҳои ибтидоӣ дар мактаби рақами 2 оғоз ёфта, дар як вақт дар омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳрашон хондааст. Баъдан, солҳои 1935-1940 дар факултаи ҷуғрофияи Донишгоҳи омӯзгорӣ таҳсил намуда, як сол дар ноҳияи Ванҷ директори мактаб шудааст ва аз он ҷо ба зодгоҳи худ баргашта сарвари мактаби № 1 ба номи Сталин таъйин гардидааст. Соли 1942 ӯ дар қатори ҳазорҳо фарзандони диёр ба ҷанги зидди фашизм меравад. Даставвал дар омӯзишгоҳи тӯпчиёни шаҳри Харков хонда, ҳамчун командири дастаи тӯпчиён дар ҷабҳаи Брянск ба муқобили фашистон меҷангад. Дар ҷангҳои шадид иштирок карда, аз ду пояш маҳрум мегардад. Баъди табобат дар ҷабҳаи Марказӣ ва Беларусия ва ҷабҳаи якуми Беларусия меҷангад. Дар Германия чанд вақт барои ҷорӣ кардани тартибот меистад. Соли 1946 Қутбиддин Раззоқов бо орденҳои «Ситораи Сурх», «Ҷанги Бузурги Ватанӣ» (дараҷаи 1 ва 2), боз бо чандин медалҳо мукофотонида шудааст.

Баъд аз ҷанг дар вазифаҳои директори омӯзишгоҳ, раиси иттифоқи касабаи коркунони маориф хизмат кардааст.

**Бахромов Ҳайдар** (тав.1915 шаҳри Панҷакент, аз оилаи деҳқон, аъзои ҳизби коммунист аз соли 1945). Аз соли 1937 то 1944 дар сафи Артиши Сурх буда, ба муқобили фашистони немис ҷангидааст. Ӯ дар ҷабҳаи Сталинград ҷангида, дар озод кардани вилоятҳои Украина, Белорусия, Полша, Бессарабия, Румыния

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

иштирок кард. Дар натиҷаи сахт ярадор шудан ба ватанаш бар мегардад. Дар колхози ба номи Карл Маркс дар вазифаҳои бригадир, муовини раиси колхоз, котиби ташкилоти ҳизби коммунист шуда кор мекунад. Бо ташаббуси Баҳромов дар назди идораи колхоз боғи шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ сохта шуд.

Ӯ бо ду орден ва 12 медал мукофотонида шудааст.

**Шарифов Хоҷамурод** соли 1941 ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафта дар полки 17 «В» дар муҳорибаи Ленинград, Курская Дуга иштирок карда, соли 1944 сахт ярадор шуда, ба ватанаш баргашт. Бо ордени «Ҷанги Ватанӣ» ва 9 медал сарфароз шудааст. (Н.Яҳёев).

**Ашӯров Бобо** — соли тав.1903 аз қишлоқи Ғӯсар. Дар қисми 114 дивизияи 125, дар ҷабҳаи ғарбӣ хизмат кардааст. 13 апрели соли 1945 дар вақти ҳуҷум кардан ба душман 5 фашистро кушта ва 5 фашисти дигарро ба асирӣ гирифтааст. Ӯ 18 апрели соли 1945 бо ордени «Шараф» дараҷаи 3 мукофотонида шудааст. (Аз архиви Р.Сафаров).

**Бобоев Нурулло** — 10 апрели соли 1920 дар деҳаи Зери Ҳисор таваллуд шудааст. Соли 1942 ба сафи Артиши Сурх даъват шуда, омӯзишгоҳи ҳарбии Чорҷӯйро хатм намуда, ба ҷабҳа меравад. Дар ҷабҳаи дуввуми Белорусия ҳамчун командири миномётчиён ҷангидааст. Дар озодкунии шаҳрҳои соҳили Балтика фаъолона иштирок кардааст. Соли 1944 аз пояш захмдор шуда, дар госпитали шаҳри Саратов табобат меёбад. Соли 1945 ба зодгоҳаш омада, ба корҳои омӯзгорӣ машғул мешавад.

Соли 1949 дар вазифаи мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Колхозчиён, баъд аз он директори хонаи бачагон, мудири интернати давлатии Ғӯсар шуда кор кард. Барои хизматҳояш бо медалҳои «Барои шуҷоат» (1943), «Барои хизматҳои ҷангӣ» (1944) ва боз 5 медали дигари ҷангӣ мукофотонида шудааст. Соли 1971 бо ордени «Инқилоби Октябр» сарфароз гардонида шудааст. Бобоев соҳиби 9 фарзанд, 6 писар ва 3 духтар буд. Ӯ аъзои ҳизби коммунист аз соли 1947 буд. 1 маи соли 1979 вафот кард. (Ҷанобинов А.Л.)

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Арслонов Муҳаммадӣ**

Дар соли 1942 директори омӯзишгоҳи омӯзгории мо, ки он вақт ман дар соли сеюм мехондам, Арслонов Муҳаммадӣ буданд. Ба мо нақл намуда буданд, ки ин шахс соли 1927 ба шаҳри Душанбе омада, дар полки _______________ котиби ташкилоти комсомолӣ шуда, ба муқобили босмачиён мубориза бурдаанд. Вақте ки ман оиди таърихи комсомол дар бойгонии ҳизбии ҷумҳурӣ кор мекардам, аниқ намудам, ки Арслонов вакили анҷумани якуми комсомолони ҷумҳурӣ аз қисми ҳарбӣ будаанд.

Он кас ба муқобили босмачиён фаъолона, ҳамчун аъзои комсомоли ленинӣ меҷангиданд. Соли 1930 ба Панҷакент баргашта, вазифаи котиби котиботи комсомолони ноҳияро иҷро мекарданд. Дар сохтмони роҳи Заҳматобод-Душанбе, Заҳматобод-Шаҳристон ҳамчун коркуни сиёсӣ хизматҳои шоёне кардаанд. Дар солҳои 1941-1942 директори омӯзишгоҳи омӯзгории мо буданд. Дар он вақт ба тарбияи ҳарбӣ — ватандӯстӣ аҳамияти калоне медоданд. Дар омӯзишгоҳ интизоми ҳарбӣ ҷорӣ карда шуд. Моҳи декабри соли 1942 омӯзишгоҳи моро бастанд. Дар он мактаби авиатсионии шаҳри Одесса кушода омад. Арслонов ихтиёран ба ҷабҳа рафта, қаҳрамонӣ ва далерӣ нишон додаанд. Барои ин хизматҳояшон бо ду орден ва ҳашт медал мукофотонида шудаанд. Баъди бозгашт аз ҷанг дар вазифаҳои мудири шӯъбаи зироати ноҳияи Колхозчиён, директори стансияи мошинӣ-тракторӣ ва ғайра хизмат кардаанд. Он кас дар тамоми умри худ чун марди хоксор, кордон, интизоми низомидор, ташкилотчигии худро нишон медоданд.

**Бобомуродов Султон** — соли 1922, ефрейтор, зодаи шаҳри Панҷакент). Дар ҷабҳа дар ҳайати полки 264-уми минафишонии коркуни 4-уми танкии гвардиягии ҷабҳаи якуми Украина ба муқобили фашистони истилогар ҷангидаанд. Командирашон корнамоии Бобомуродовро дар майдони набард ба назар гирифта, ӯро бо ду медал «Барои шуҷоат» мукофотнидаанд. Дар варақаи мукофоти сеюми ӯ чунин сатрҳо навишта шудаанд:

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«8 августи соли 1944 ефрейтор Бобомуродов Султон дар майдони набард вазифаи алоқачиро иҷро мекард. Зери оташи бомбафишонӣ ва оташи пулемётҳои душман ҷон дар кафи даст 8 ҷои кандашудаи симҳои алоқаро пайваста, алоқаро дар рафти ҷанг барқарор намуд. Дар зада гардондани ду ҳамлаи душман иштирок кард». Командири корпуси 4-уми танкии гвардиягӣ хизматҳои Бобомуродовро ба назар гирифта, дар асоси фармони рақами 028/4 аз 2 сентябри соли 1944 бо ордени «Шараф» (дараҷаи 4) мукофотонидааст.

Султон Бобомуродов ба Панҷакент омад.

Ҷанговарони Панҷакент аз ҷабҳа ба халқи Панҷакент мактуб навишта, дар бораи қаҳрамониҳои ҷанговарон хабар медоданд. Рӯзномаи «Коммунисти Панҷакент» 8 марти соли 1942 мактуби ҷанговарон Борис Апоминаров, Қодиров Нур, Ашӯров Расул, Аҳрор Мавлонов, Дарвешов Раҳмонро чоп карда буд.

## БАРОИ ВАТАН ҶОНИ ХУДРО ФИДО КАРДАНД

Аз маводҳои бойгонии ҳизби коммунистии Тоҷикистон маълум аст, ки ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Тоҷикистон 254 ҳазор кас рафта, аз онҳо қариб 93 ҳазорашон ҳалок гаштанд. Аз Панҷакенти мо чанд нафар ба ҷанг рафтанд ва чанд нафари онҳо ҳалок шуданд, ҳоло ба ман маълум нестанд. Дар ин бора тадқиқотро давом додан лозим аст. Дар бораи баъзе ҳалок шудагон маълумоти мухтасар медиҳем.

«Моҳи марти соли 1978 аз комиссариати ҳарбии ноҳияи Катшадери ҷумҳурии Литва аз номи майор Мейлутис ба сокини шаҳри Панҷакент, колхозчии колхози ба номи К.Маркс Субҳонкул Султонов чунин мактуб омад: «Падари шумо 30 июли соли 1944 вафот карда, дар қабристони бародарии ҳарбии шаҳраки Жежморий мадфун аст. Хоҳиш мекунем, ки дар рӯзи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ғалаба бо мақсади зиёрати қабри шаҳидони роҳи озодӣ аз он ҷумла падаратон меҳмони мо шавед».

Субҳонқул мактубро гирифта, бо чашми тар гаштаву баргашта хатро мехонд, ба дидагонаш мемолид ва ба дӯстону хешонаш, ки хотири падари дар ҷанги хонасӯзи зидди фашистони ғаддор ҷон қурбон кардаи ӯро пос медоранд, ҳазор рафҳмат мегуфт. Чашмони ӯ беихтиёр пури об мешуданд. Вай ҳар сол ба муносибати иди Ғалаба аз дӯстони ношиноси литвагиаш, хусусан аз номи аъзои пайшиносони сурхи мактаби миёнаи деҳаи Румшиши ноҳияи Кайшадор номаи табрикӣ мегирифт ва худ ба онҳо мактубҳои дӯстона менавишт. Султон Отабоев аз соли 1939 то соли 1941 дар колхозҳои ба номи Фрунзе, Ворошилов ва «Дарвозаи сурхи Шарқ» (ҳозир ба номи Хоҷамуродов) кор мекард, дар ташкил ва мустаҳкам намудани ин хоҷагиҳо ҳиссаи сазовор мегузошт. Муҳаббати бепоён ба Ватан ва кинаву адоват, ки дар дили С.Отабоев нисбат ба душмани инсоният — фашизми хунхор аланга мезананд, ӯро ба ҷабҳа мебаранд. Вай моҳи июли соли 1941 ҳаёташро ба тақдири халқи мамлакат мепайвандад ва дар озод кардани ҷумҳуриятҳои назди Балтика корнамоиҳо нишон медиҳад. Риштаи ҳаёти ӯ моҳи июли соли 1944 ҳангоми аз дарёи Наумас гузаштан канда мешавад. Қаҳрамониҳои ӯро дар набард бо душман сокинони поселкаи Жижмарей ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд. Ҷасади ҷанговар дар қабристони он ҷо, дар паҳлӯи Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ Сафар Амиршоев ба хок супурда шудааст. Ҳар рӯз ба он ҷо даҳҳо нафар одамон барои зиёрат меоянд ва ному корнамоиҳои бемислу монанди шаҳидони роҳи озодиро бо муҳаббат ёд мекунанд.

Зани Султон Отабоев — Мусаммеҳхола пас аз ба ҷанг рафтани шавҳараш ҷои ӯро дар хоҷагӣ мегирад ва то ба нафақа баромадан дар он хоҷагӣ заҳмат мекашад.

— Мо, занҳо, — гуфт ӯ дар сӯҳбат, — дар солҳои ҷанг чи рӯзҳои сахтеро аз сар гузарондем. Ду фарзандам соли 1945 мурданд. Аз шавҳари вафодорам ва чандин одамони наздик

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

чудо гаштам. Ҳамаи он азобу уқубате, ки кашидем, фаромӯш намешаванд. Бигзор, номи ҷанг аз дунё гум шавад.

Субҳонқул Султонов дар арафаи иди Ғалаба — 9 маи соли 1978 ба поселкаи Жижмарей сафар кард. Ӯро чун фарзанди қаҳрамон бо эҳтиром истиқбол намуда, ба зиёрати қабри падараш бурданд. Ӯ дар ҷашни 33-солагии Ғалаба иштирок карда, иди бошукӯҳро бо ҳамроҳии дӯстони литвагиаш қайд кард. Ӯро ба мактабе бурданд, ки созмони пионериашон номи Султон Отабоевро дошт. Пионерон писари қаҳрамони ҷангро ба пионери фахрӣ қабул карданд».

Вақте ки ин навиштаҷоти Неъмат Нуровро рӯбардор мекардам. Даврони шӯравӣ ба хотирам меомаданд. Дар вақташ ин хел маводҳоро ман бисёр ҷамъ намуда будам. Чунин воқеаҳо бисёр буданд. Пайтчиёни сурхи ташкилотҳои пионерӣ ба ин хел масъалаҳо аҳамияти махсус медоданд. Ба ман муяссар шуда буд, ки соли 1988 дар бисёр ноҳияҳои Литва саёҳат кунам. Акнун алоқаи мо канда шуд. Ташкилотҳои пионерӣ барҳам дода шуданд.

Аммо ин навиштаҷоти Неъмат Нуров, ки бо лаёқати баланди таърихнависӣ сабт шудааст, дар таърих монд. Ин вазифаи муқаддаси мо таърихнависон мебошад.

## МАРДЕ БАРӮМАНД

**Тошев Муҳаммадноқиб** — марде барӯманд дар шаҳри бостонии Панҷакент ба дунё омадааст ва тамоми ҳаёти бобаракати худро ба хизмати халқ сарф кардааст. Бо майлу рағбати тамом ӯ дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ адои хидмат кардааст. Соли 1930 баъди хатм кардани мактаби рабфаки шаҳри Тошкант, шӯъбаи кишоварзӣ, ба вазифаи ҷонишини комисари халқи замин ба шаҳри Сталинобод барои хизмат фиристода мешавад. Дар ин

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вазифа ӯ то соли 1932 адои вазифа кардааст. Ӯро соли 1933 барои мустаҳкам кардани хизмати роҳбарӣ Ҳукумати Тоҷикистон ба зодгоҳаш шаҳри Панҷакент ба кор мефиристад. Ӯ солҳои тӯлонӣ дар вазифаи роҳбарии диёраш адои хизмат кардааст.

Рости гап, баъди мушоҳидаи ҳуҷҷатҳои зиёд дар бораи ин марди наҷиб эҳтиромам ба ин инсони шарифу закӣ, ҳалиму хоксор, соҳибдилу равшанзамир дучанд афзуд. Бо майлу рағбати тамом ӯ аввал ба вазифаи раиси ҷамоати шаҳри Панҷакент интихоб шуда, баъдтар ҷонишинии раиси нуқтаи тадқиқоти донабарории шаҳри Панҷакентро адо кардааст. Сониян, ба сифати ҷонишини раиси комбинати саноатӣ бо марҳум Нарсасиянс хизмат карда, баъдтар ба вазифаи раиси колхози ба номи Сталини Саразм пешбарӣ карда мешавад. Пас аз ин раиси Райпо, ҷонишини директори МТС оид ба корҳои сиёсӣ ва дигар вазифаҳоро ба ӯҳда доштааст.

Тошев Маҳмаднақиб соли 1942 ба сафи Артиши Шӯравӣ даъват карда мешавад. Ӯ баъд аз ба охир расонидани курси кӯтоҳмуддати 6-моҳаи сарбозии шаҳри Андиҷон худи ҳамон сол ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ фиристонида мешавад. Тошев Маҳмаднақиб аз соли 1942 то соли 1945 дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ қаҳрамонона ба муқобили фашизми Германия ҷангида, борҳо захм гирифтааст. Дар ин солҳо ӯ дар озод кардани хоки Украина, Белоруссия ва дар задухӯрдҳои Курск, Сталинград моҳирона иштирок кардааст. Баъдтар дар солҳои 1944 барои озод кардани Чехословакия, Венгрия, Булғория, Австрия ҷонбозиҳо карда, сазовори ордену медалҳо гардидааст. Дар ин муҳорибаҳо аз лейтенанти хурд то рутбаи майор ва сарфармондеҳи баталиони тирандоз расидааст. Ҷанговари шуҷои тоҷик 31 апрели соли 1945 дар задухӯрди озод кардани шаҳри Вена пойтахти Австрия қаҳрамонона ҳалок гардидааст.

Ба ман муяссар шуд, ки далелҳоро аз маводҳои бойгонӣ ва шахсии фарзанди он кас — Облоқул Тошев, доктори илмҳои иқтисодӣ, академик дастрас кунам.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Облоқулҷон дӯсти беҳтарини ман мебошанд. Дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ҳамчун мудири кафедраи иқтисодиёти сиёсӣ адои вазифа мекунанд. Ба он кас, барои хизматҳояшон унвони «Корманди шоистаи Тоҷикистон» дода шудааст.

## НОМУ НАСАБИ ҶАНГОВАРОНИ МАРҲУМИ ПАНҶАКЕНТӢ

*(Аз китоби «Ҳазору як корнома»-и Раҳмон Сафаров, Душанбе, 1995 с.)*

**Абдиев Муртазо**. 1925, тоҷик, аскари қаторӣ, аз колхози ба номи Кирови ноҳияи Панҷакент, дар ҳайати 364 пиёдагард дивизияи49 пиёдагард ба муқобили фашистони лаин қаҳрамонона ҷангид. 18 октябри соли 1944 дар Литва ҳалок шуд. (с.32).

**Абулхайров Мустафо**. 1910, аскари қаторӣ, аз ноҳияи Панҷакент. Полки 311 пиёдагарди дивизияи 108. Дар вилояти Запороже 13 феврали соли 1944 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Божовкаи ноҳияи Липитихин 14 феврали соли 1944 ба хок супурданд. (с.120)

**Абулҳаев Камол** — 1924, аскари қаторӣ, аз колхози ба номи Молотови ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайати қисми 108-уми пиёдагард ба муқобили фашистон ҷангидааст. 19 октябри оли 1943 дар бемористони ҳарбии шаҳри Чита вафот кардааст. (с.136)

**Абдулҳақов Аҳмад** — аз Панҷакент, дар ҳайъати полки 127-уми артилерӣ ба муқобили гитлерчиён шуҷоатмандона ҷангидааст. 4 апрели соли 1945 дар Полша ҳалок гаштааст. Ҷасадашро дар деҳаи Бразини уезди Путинги Полша ба хок супоридаанд, (с.132).

**Абдураҳимов Бобо** — 1923, аз деҳи Ёрӣ. Дар ҳайати полки 304-уми пиёдагарди дивизияи 243-юми пиёдагард. Ҷабҳаи 2-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

юми Украина ҷангидааст. 1 декабри соли 1944 дар бемористони саҳроӣ вафот кардааст. Ҷасадашро дар гӯшаи бешазори деҳаи Хайнии ноҳияи Новгород ба хок супоридаанд. (с.140)

**Абдураҳмонов Мардон** — 1925, аскари қаторӣ, аз Панҷакент. Дар ҳайати полки 1071-уми пиёдагарди дивизияи 311-уми пиёдагард ҷангидааст. 28 феврали соли 1944 қаҳрамонона шаҳид шуд. Ҷасадаш дар деҳаи Ляннаи ноҳияи Утерюшений ба хок супорида шудааст. (с.153).

**Авазов Муҳаммад**, аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҷангҳои шадиди назди деҳаи Звала иштирок карда, 14 октябри соли 1944 шаҳид шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Звала ба хок супоридаанд. (с.185)

**Азизов Бекмурод** — 1924, аз деҳаи Кулолӣ. Дар қисми ҳарбии рақами 925580-ум зидди фашистон қаҳрамонона ҷангидааст. 23 июли соли 1943 дар вилояти Орлов шаҳид шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Мойловаи ноҳияи Хвостов ба хок супоридаанд. (с.207)

**Азизов Маҳад** — 1908 аз қишлоқи Ғарибак. Дар ҳайати полки 67-уми пиёдагарди дивизияи 15-уми пиёдагарди корпуси 29-уми пиёдагарди артиши 61-уми ҷабҳаи марказӣ ҷангидааст. 23 октябри соли 1943 дар вилояти Гомол ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Кривой Роги ноҳияи Грачин ба хок супоридаанд. (с.234) (Бояд гуфт, ки ин хел одам дар деҳаи Ғарибаки мо набуд).

**Азизов Ғанӣ** — 1926, аз қишлоқи Чимқурғон. Дар ҳайати полки 86-уми пиёдагарди дивизияи 28-уми вилояти Днепропетровск 27 феврали соли 1944 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Красный шахтёри ноҳияи Криворож ба хок супоридаанд. (с.253)

**Азимов Бӯрӣ** — 1913 аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайати полки 436-уми пиёдагарди дивизияи 155-уми пиёдагарди Артиши 27-уми Ҷабҳаи Воронеж далерона ҷангидааст. 3 сентябри соли 1943 дар вилояти Полтава қаҳрамонона ҳалок гаштааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Саратови ноҳияи Групин ба хок супоридаанд. (с.269).

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Акобиров Разон** (шояд Рамазон) аз колхози ба номи Микоян. Дар ҳайати полки миномётии рақами 254 ҷангидааст. 16 июли соли 1944 дар бемористони вилояти Ленинград вафот кардааст. Ҷасадаш дар оромгоҳи деҳаи Сосновыйй, ноҳияи Приозерский, вилояти Ленинград ба хок супорида шудааст. (с.305)

**Акобиров Рӯзӣ** — 1921, аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайати полки 860-уми дивизияи 283-юми пиёдагард хизмат кардааст. 3 декабри соли 1943 дар сарзамини Гомел қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Поляниновичи ноҳияи Журавич ба хок супоридаанд. (с.306)

**Акрамов Салом** — 1922 аз қишлоқи Навобод. Дар ҷабҳа дар ҳайати бригадаи 99-уми алоҳидаи пиёдагард ба муқобили фашистон ҷангида аст. Аз ҷароҳати вазнин дар бемористони ҳарбӣ вафот кардааст. (с.311)

**Акрамов Юнус**. Раҳмон Сафаров дар бораи Акрамов Юнус маводи фаровон бо расмаш додааст. Юнус соли 1918 дар деҳаи Артуч таваллуд шудааст. Баъд аз он чойхоначии колхози «Маданият» будааст. Соли 1940 ба сафи Артиши Сурх даъват карда мешавад. Лейтенанти хурд шудааст. Разведчик. 22 декабри соли 1943 дар вақти иҷрои фармони махсус шаҳид мешавад. Ҷасади ӯро дар масофаи 700 метр аз деҳаи Ромушевои ноҳияи Старая Русса ба хок супоридаанд. (с.312) Моҳи маи соли 1989 ҷасади Юнусро дар оромгоҳи бародарии Ромушево ба хок супориданд. Дар ин вақт Раҳмон Сафаров иштирок карда буд.

**Ашӯров Самариддин** — 1912 аз деҳаи Сӯзина, Дар ҳайати полки 369-уми пиёдагарди дивизияи 212-ум ба муқобили фашистон ҷангида, 29 марти соли 1944 дар бемористони ҳарбӣ вафот кардааст. Ҷасадаш дар оромгоҳи ноҳияи Дубров гӯронда шудааст. (с.8-9).

**Ашӯров Сур** — 1925, шаҳри Панҷакент. Дар ҷабҳаи ҳайъати полки 322-юми тирандозии дивизияи 32-юми пиёдагард, ба муқобили фашистон ҷангидааст. 31 декабри соли 1943 қаҳрамо-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нона ҳалок шуд. Ҷасадаш дар вилояти Витебск ба хок супорида шудааст. (с.11)

**Ашӯров Ҳоҷӣ** — дар қисми ҳарбии рақами 48813 ба муқобили гитлерчиён шуҷоатмандона ҷангидааст. 6 январи соли 1944 ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Черняшини ноҳияи Калинов вилояти Винец ба хок супоридаанд. (с.13)

**Ашӯров Элназар** — 1916. Дар ҳайъати полки 1028-уми дивизияи 260-уми пиёдагард ба муқобили фашистон қаҳрамонона ҷангидааст. 5 июли соли 1944 ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро ба хок супоридаанд. (ҷояш муайян нест). (с.17)

**Аҳмадов Маҳкам** — аз деҳаи Ёрӣ. Дар ҳайати баталиони сапёрии 381-ум ба муқобили фашистон ҷангидааст. 29 июни соли 1943 ҳалок шуд. Ҷасадаш дар деҳаи Медведевои ноҳияи Ярсевои вилояти Смоленский ба хок супорида шудааст. (с.23) (32).

**Аҳмадов Убайдулло** — аз деҳаи Хуромӣ. Дар ҳайати полки 38-уми муҳандисӣ ба муқобили фашистон қаҳрамонона ҷангидааст. 11 октябри соли 1942 аз резапораҳои бомбаи душман ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро 26 километр дуртар аз шаҳри Туапса ба хок супоридаанд. (с.45)

**Аҳмадов Шариф** — 1917, аз шаҳри Панҷакент. Дар ҳайати дивизияи 78-уми пиёдагарди корпуси 33-юми артиши 8-уми гвардияи ҷабҳаи 3-юми Украина далерона бар зидди фашистон ҷангидааст. 13 июли соли 1944 ҳалок шудааст. Қабраш то ҳол муайян нест. (с.60)

**Аҳмадов Ҳамид** — 1914, аз шӯрои қишлоқи Қуштеппа. Дар ҳайати полки 433-юми дивизияи 64-уми пиёдагарди ҷабҳаи Белоруссия ҷангидааст. Барои корнамоиҳояш лейтенанти калон Ҳамид Аҳмадов дар асоси фармони рақами 094/н аз 26 декабри соли 1944 бо ордени «Ситораи Сурх» сазовор гардидааст. Ҳамид Аҳмадов дар вилояти Самарқанд зиндагонӣ мекард. (с.66)

**Аҳмадов Ҷалдӣ** — дар ҳайати полки 523-юми дивизияи 188–уми пиёдагарди артиши 11-уми ҷабҳаи Шимолу Ғарбӣ ҷангидааст. Дар муҳорибаи шадиди вилояти Ленинград 15 феврали соли 1943 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Қабри Ҷалдӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аҳмадов дар деҳаи Кузменскии ноҳияи парфини вилояти Новгород мебошад. (с.68)

**Бадалов Қушар** — дар ҳайати полки 497-уми пиёдагард ба муқобили фашистон далерона ҷангидааст. 24 июли соли 1943 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Майкови ноҳияи Хвасновичев ба хок супоридаанд. (с.77)

**Бадалов Қамар** — аз шаҳри Панҷакент. Дар ҳайати полки 497-уми пиёдагарди дивизияи 135-ум ба муқобили фашистон далерона ҷангидааст. 24 июли соли 1943 ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Малахови ноҳияи Хвастович ба хок супоридаанд. (с.79)

**Бадриддинов Зайнӣ** — дар задухӯрди Москва фидокорона шуҷоат нишон дода, ҳангоми аз фашистон озод кардани шаҳри Солнечногорск 11 декабри соли 1941 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар хиёбони Солнечногорск ба хок супоридаанд. (с.81)

**Баротов Мелик** — 1912, аз деҳаи Амондара. Дар ҳайати полки 633-юми дивизияи 157-уми пиёдагарди артиши 2-юми ҷабҳаи ғарбӣ ба муқобили фашистон далерона ҷангидааст. 7 феврали сол 1944 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Кринкаи ноҳияи Ягознин ба хок супоридаанд. (с.96)

**Баротов Ортиққул** — 1914, аз ноҳияи Панҷакент. Дар бемористони ҳарбӣ пас аз ҷароҳии вазнин ҳалок гардидааст. Ҷасади ӯро дар маҳаллаи Белыйи ноҳияи Дубровини вилояти Витебск ба хок супоридаанд. (с.99)

**Вафоев Зайнӣ** — 1915, аз ноҳияи Панҷакент, дар бемористони ҳарбии рақами 315 вафот кардааст. Ҷасади ӯро дар шаҳри Киров ба хок супоридаанд. (с.111)

**Ваҳоев Ҷумъа** — аз ноҳияи Панҷакент. Дар муҳорибаи вилояти Могилев фидокорона шуҷоат нишон дода, 17 сентябри соли 1943 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Утари ноҳияи Чауса ба хок супоридаанд. (с.114)

**Бегматов Мазин** — аз ноҳияи Панҷакент. Дар задухӯрдҳои шадиди вилояти Гомел фидокорона шуҷоат нишон дода, 17

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

октябри соли 1943 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар соҳили дарёи Днепр (деҳаи Глушева) ба хок супоридаанд. (с.120)

**Бекмуродов Облоқул** — аз ноҳияи Панҷакент, 27 маи соли 1943 дар бемористони рақами 1098 аз ҷароҳати вазнин ҳалок гардидааст. Ҷасади ӯро дар қабристони деҳаи Алексеевкаи вилояти Воронеж ба хок супоридаанд. (с.128

**Бегов Қандиёр** — 1921, аз деҳаи Ғарибак. Дар ҳайати полки 1245-уми дивизияи 375-уми пиёдагард ба муқобили фашистон далерона ҷангидааст. Дар дили алангаи задухӯрдҳои Камонаки Курск фидокориву шуҷоат нишон дода, аз тири душман маҷрӯҳ шудааст. 23 июли соли 1943 дар беморхонаи ҳарбӣ вафот кардааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Голубинаи ноҳияи Ново-оскал вилояти Курск ба хок супоридаанд. (с.135)

Бегов Қандиёр ҳамсинфи ман буд, тағои Бобо Насриддинов. Баъд аз чанд сол Б.Насриддинов ба он ҷо рафта қабри тағояшонро зиёрат карда, ҳикояи «Қабри шаҳид»-ро навишта буданд.

**Бегов Нурмуҳаммад** — соли таваллудаш 1925, миллаташ тоҷик, аскари қаторӣ. Аз ноҳияи Панҷакент, вилояти Ленинобод ба ҷабҳа даъват шуда, дар ҳайъати корпуси ҳаштуми гвардиягии артиши 11-ум ба муқобили фашистони истилогар ҷангидааст. Дар задухӯрдҳои вилояти Витебск фидокориву шуҷоат нишон дода, 6 феврали соли 1944 дар майдони ҳарбу зарб қаҳрамонона шаҳид шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Субачёви ноҳияи Городок ба хок супориданд. (с.137)

Бояд гуфт, ки Нурмуҳаммад додари Қандиёр буд. Ҳарду бародарон ба ҷабҳа рафта, ҳалок гаштанд. Нурмуҳаммад ҳамсол ва ҷӯраи ман буд.

**Бегов Ғоиб** — 1922, аз ноҳияи Панҷакент, дар ҳайати полки 286-уми дивизияи 24-уми пиёдагард хизмат кардааст. Дар задухӯрдҳои шадиди остонаи шаҳри Кировоград ҷанг кардааст. Командирон хизматҳои шоёни ӯро ба назар гирифта, 2 июли соли 1945 бо медали «Барои шуҷоат» мукофотониданд. (с.139)

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Бердиев Абдулло** — 1902, аз деҳаи Мазори Шарифи Панҷакент. Дар ҳайъати полки 262 дивизияи 87, ҷабҳаи 1-уми Балтика ҷангидааст. 11 августи соли 1944 дар беморхонаи ҳарбӣ вафот кардааст. Ҷасадаш дар маҳаллаи Водоклейи ноҳияи Поневежик вилояти Симферопол ба хок супорида шудааст. (с.144)

**Бердиев Асрор** — 1900, аз шаҳри Панҷакент дар Карелия ва 1-уми ҷабҳаи Украина ҳамчун разведчик хизмат кардааст. 30 маи соли 1945 бо ордени «Ситораи Сурх» мукофотонида шудааст. (с.145)

**Бердиев Норбой** — аз ноҳияи Панҷакент, дар ҳайати полки 541-уми дивизияи 176-уми пиёдагард ба муқобили фашистон ҷангидааст. Дар бемористони рақами 3830 ҳалок гашт. Ҷасади ӯро дар шаҳри Шуяи вилояти Иваново ба хок супоридаанд. (с.149)

**Бобоев Собир** — 1915, аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъйати полки 127 пиёдагард, дивизияи 42-юми пиёдагард, артиши 2-ввум ҷангидааст. 27 январи соли 1943 ҳалок шуд. Ҷасадаш дар қабристони шаҳри Саратов ба хок супорида шудааст. (с.161)

**Бобоев Абдураҳмон** — аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати полки 659-уми пиёдагарди дивизияи 155-уми пиёдагард ҷангидааст. 12 августи соли 1943 қаҳрамонона ҳалок шуд. Ҷасади ӯро дар деҳаи Полоши ноҳияи Ахтир ба хок супоридаанд. (с.169)

**Бобоев Азизқул** — 1919, лейтенанти калон, шаҳри Панҷакент. Дар ҳайати полки 171-уми пиёдагарди дивизияи 1-уми пиёдагард далерона ҷангидааст. 22 феврали соли 1942 дар Харков, 20 октябри соли 1944 дар Пруссия маҷрӯҳ шудааст. 6 феврали соли 1945 бо ордени «Ситораи Сурх» мукофотонида шудааст. Ҳоло ӯ ба мо маълум нест. (с.171)

**Бобоев Алол** — 1920, аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати полки 975-уми пиёдагард, дивизияи 270-уми пиёдагарди артиши 7-уми ҷабҳаи Воронеж ҷангидааст. 14 июли соли 1943 ҳалок шуд. Ҷасади ӯ дар ноҳияи Белгород ба хок супорида шудааст. (с.172)

**Бобоев Вабо** — шаҳри Панҷакент. Дар ҳайъати полки 859-уми пиёдагарди дивизияи 294-уми пиёдагарди артиши 52 ҷабҳаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Воронеж далерона ҷангидааст. 4 сентябри соли 1943 ҳалок шуд. Ҷасади ӯро дар деҳаи Бабаевкини ноҳияи Зенков ба хок супоридаанд. (с.178)

**Бобоев Бозор** — 1925, ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати полки 882-юми пиёдагарди дивизияи 290-уми пиёдагарди артиши 33-юми ҷабҳаи Ғарбӣ ҷангидааст. 18 ноябри соли 1943 қаҳрамонона ҳалок шуд. Ҷасади ӯро дар деҳаи Спитр ноҳияи Дубров ба хок супоридаанд. (с.178)

**Бобоев Гадоӣ** — 1920, аз колхози ба номи Микоян. Дар ҳайъати полки 874 ба муқобили фашистон ҷангидааст. 11 мартисоли 1944 ҳалок шуд. Ҷасади ӯро дар остонаи деҳаи Косиновая ноҳияи Пустошкин вилояти Калинин ба хок супоридаанд. (с.180)

**Бобоев Гул** — 1905, аз Заврон. Дар ҳайъати полки 712-уми дивизияи 132-юми пиёдагарди артиши 60-уми ҷабҳаи 1-уми Украина ҷангида, 4 ноябри соли 1943 ҳалок шуд. Ҷасади ӯро дар деҳаи Сигевкаи ноҳияи Питерск ба хок супориданд. (с.180)

**Бобоев Гул** — 1915, аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати дивизияи 230-юми пиёдагарди ҷабҳаи 3-юми Украина қаҳрамонона ҷангидааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Еристови ноҳияи Василий ба хок супоридаанд. (с.180)

**Бобоев Давлат** — 1909, ноҳияи Панҷакент, дар ҳайъати полки 975-уми дивизияи 270-уми пиёдагард ҷангидааст. 12 июли соли 1943 ҳалок шуд. Дар канори роҳи деҳаи Кашлакову Каренский Дачаи ноҳияи Белгород ба хок супориданд. (с.1818)

**Бобоев Ёдгор** — 1924, ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати полки 1236-уми пиёдагарди дивизияи 372-юми пиёдагард ҷангидааст. 12 феврали соли 1943 ҳалок гаштааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Макаровская ноҳияи Шапкини вилояти Ленинград ба хок супориданд. (с.183)

**Бобоев Исаид** — 1918, деҳаи Қуштеппа. Дар ҳайати дивизияи 38 пиёдагард ҷабҳаи Воронеж, сипас ҷабҳаи 1-уми Украина ҷангидааст. 8 августи соли 1943 ҳалок шуд. Ҷасади ӯро дар назди деҳаи Чернегини вилояти Сума ба хок супориданд. (с.185)

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Бобоев Муҳиддин** — аз колхози ба номи Сталин. Дар ҳайъати дивизияи 137-уми пиёдагард вазифаи командири дастаи пулемётчиёнро иҷро кардааст. 9 феврали соли 1944 ҳалок гашт. Ҷасади ӯро дар қабристони Венигови ноҳияи Паянж ба хок супориданд. (с.194)

**Бобоев Ота** — 1910, деҳаи ш.Ӯротеппа. Аз ноҳияи Панҷакент ба ҷабҳа даъват шудааст. Дар ҳайъати дастаи 173-юми танкӣ вазифаи ронандаи мошини боркашро иҷро кардааст. 25 феврали соли 1942 ҳалок шудааст. (с.198)

**Бобоев Раҳим** — 1922, сержанти хурди гвардиягӣ. Дар ҳайъати ротаи минаандози полки 239-уми пиёдагарди гвардияи дивизияи 76-уми пиёдагарди гвардияи артиши 70-уми ҷабҳаи 2-юми Белоруссия қаҳрамонона ҷангидааст. Дар набардҳои назди деҳаи Хамери воеводи Бигдош бо оташи миномёташ 9 аскари душманро нест карда, 1 пулемёти онро аз кор баровардааст. Командири дивизия генерал-майор Кирсанов Бобоев Раҳимро барои корнамоиҳояш аз номи Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС бо фармони рақами 07 аз 29 январисоли 1945 бо ордени «Шараф» (дараҷаи 3) мукофотонидааст.

Бобоев Раҳим дар шаҳри Панҷакент зиндагонӣ мекунад.

**Бобоев Раҳим** — 1900, аскари қаторӣ, аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайати полки 31-уми пиёдагард хизмат кардааст. 15 сентябри соли 1943 дар беморхона аз ҷароҳат ҳалок гардид. Ҷасади ӯро дар деҳаи Биковои ноҳияи Дуновшина ба хок супориданд. (с.201)

**Бобоев Раҳмон Бердиевич** — 1926, ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати полки 564-уми минафишонии бригадаи 42 дивизияи 18-уми артилерӣ хизмат кардааст. 6 марти соли 1944 ҳалок шуд. Ҷасади ӯро дар деҳаи Ламбитуни ноҳияи Норв ба хок супориданд. (с.201)

**Бобоев Собир** — 1915, ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати дивизияи 42-юми пиёдагарди артиши 20-уми ҷабҳаи ғарбӣ ҷангидааст. 27 январи соли 1943 ҳалок шудааст. Ҷасадаш дар вилояти Калинин ба хок супорида шудааст. (с.207)

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Бобоев Собир** — 1923, аз деҳаи Вору. Дар ҳайъати полки 154-уми пиёдагарди дивизияи 51-уми артиши 6-ум қаҳрамонона ҷангидааст. 4 августи соли 1943 ҳалок шуд. Ҷасади ӯ дар сарзамини Курск ба хок супорида шудааст. (с.207)

**Бобоев Ҳоҷӣ** — 1904, тоҷик, аз ноҳияи Панҷакент, аз колхози «1 май» деҳаи Ғарибак. Дар ҳайъати дивизияи 25-уми артилерӣ ба муқобили фашистони истилогар далерона ҷангидааст. Дар задухӯрди шадиди германӣ 20 апрели соли 1945 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар шаҳри Комбус ба хок супориданд. (с.223)

Бояд гуфт, ки ҷасади Ҳоҷиро ҳамдеҳаи ӯ Қаҳҳоров Бобо ба хок супорида буданд.

**Бобоев Ҷаббор** — 1913, аз деҳаи Сӯҷина. Дар муҳорибаи вилояти Гомел фидокориву шуҷоат нишон дода, 18 октябри соли 1943 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасадаш дар деҳаи Дергачи ноҳияи Лоев ба хок супорида шудааст. (с.224)

**Бобоев Ҷалол** — 1911, аз деҳаи Ғарибак. Дар ҳайъати полки 254-уми минафишонӣ ба муқобили фашистони истилогар далерона ҷангидааст. Дар задухӯрдҳои шадид фидокориву шуҷоат нишон дода, 11 июни соли 1944 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар Осиново Рощаи ноҳияи Парғоят ба хок супоридаанд.

**Бобоёров Мухтор** — аз ноҳияи Панҷакент. Дар қисми 03373 ба муқобили немисҳо ҷангидааст. 2 октябри соли 1943 ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро ҳамроҳи ҷасади Азизов Домулло дар деҳаи Острови ноҳияи Лоев ба хок супоридаанд. Баъд аз он ҷасадро ба оромгоҳи деҳаи Ново- Бортовка кӯчонданд. (с.226)

**Бобораҷабов Темур** — 1904, аз шаҳри Панҷакент. Дар ҳайъати полки 545-уми дивизияи 389-уми пиёдагарди артиши 38-уми ҷабҳаи Қавқози шимолӣ ба муқобили фашистон қаҳрамонона ҷангидааст. 28 ноябри соли 1942 ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Ардон ба хок супоридаанд. Ҳангоми ба хок супоридан ҷонишини командири полки 545 генерал-майор Тошмуҳаммадов М.Д. иштирок дошт. (с.242)

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Бобохонов Ҳасан** — 1915, ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати полки 136-уми пиёдагарди дивизияи 97-уми пиёдагарди артиши 11-уми гвардиягии ҷабҳаи якӯми Балтика ҷангидааст. Гӯё 9 марти соли 1943 ҳалок шудааст. Аммо маълум шуд, ки ӯ сиҳат саломат ба Ватан баргашт. (с.252)

**Бобохоҷаев Бобокалон** — 1923, аз шаҳри Панҷакент. Дар ҳайъати полки 153-юми дивизияи 52-юми пиёдагарди кӯҳгарди ҷабҳаи 3-юми Балтика ба муқобили фашистон ҷангидааст. 14 сентябри соли1944 ҳалок гаштааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Волгорск ба хок супориданд. (с.254)

Бобокалон бародари калонии Бобоҳоҷиев Ҳошимбой буд. Ман ӯро нағз медонистам. Дар омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент мехонд.

**Бобоҳоҷиев Бобокалон** — 1923, аз ҷамоати Хурмӣ. Дар ҳайъати полки 153-юми кӯҳгарди дивизияи 52-юми Балтика далерона ҷангидааст. 14 сентябри соли 1944 ҳалок шудааст. Ҷасадашро дар деҳаи назди уезди Валгаски ба хок супоридаанд. (с.259)

**Бобоҷонов Нарзӣ** — 1920 аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайати полки 396-уми пиёдагарди дивизияи 135-уми пиёдагарди артиши 11-уми ҷабҳаи ғарбӣ ба муқобили фашистон ҷангидааст. Дар беморхона вафот кардааст. Ҷасади ӯро дар кӯчаи ба номи Лев Толстой шаҳри Тула ба хок супоридаанд. (с.285)

**Бозоров Нарзӣ** — аз ноҳияи Панҷакент. Дар ҷангҳои Курск ҷангида, 13 сентябри соли 1944 ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар остонаи деҳаи Каменко ба хок супоридаанд. (с.304)

**Бозоров Даврон** — 1922, зодаи маҳаллаи Қайнар. Дар ҳайъати баталиони 2-юми полки 127-уми дивизияи 42-ввуми пиёдагарди гвардиягӣ ба сифати алоқаҷӣ хизмат кардааст. Ӯ бо медали «Барои шуҷоат» мукофотонида шудааст. (с.304)

**Бозоров Маҳмад** — 1915, аз колхози «Правда»-и ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати полки 207-уми дивизияи 70-уми пиёдагард ҷангидааст. 16 марти соли 1944 қаҳрамонона ҳалок

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Тяжилови ноҳияи Винниц ба хок супоридаанд. (с.307)

**Бозоров Зокир** — асирафтода, дар асирӣ 28 августи соли 1944 вафот кардааст. (с.306)

**Бозоров Темур** — 1900, дар ҳайъати полки 97-уми дивизияи 15-уми пиёдагард хизмат кардааст. 26 сентябри соли 1943 ҳалок шудааст. Ҷасадиӯро дар деҳаи Гребовая ба хок супоридаанд. (с.309)

**Бойбеков Бобо** — 1900, ноҳияи Панҷакент. Дар ҳайъати дивизияи 197-уми пиёдагарди артиши 11-уми ҷабҳаи ғарбӣ далерона ҷангидааст. 26 июли соли 1943 қаҳрамонона ҳалок мешавад. Ҷасади ӯро дар деҳаи Мокри ноҳияи Улчит ба хок супоридаанд. (с.312)

**Бойбеков Мелӣ** — 1900, аз деҳаи Навобод, дар ҳайъати полки 504, дивизияи 107-уми пиёдагард ҷангидааст. Дар задухӯрдҳои шадиди вилояти Курск шуҷоат нишон дода, 24 июли соли 1943 ҳалокшудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Колинкови ноҳияи Сажнов ба хок супоридаанд. (с.312)

**Боймуродов Зоҳир** — 1917 аз деҳаи Уртақишлоқ, дар ҳайъати дивизияи 178-уми пиёдагард далерона ҷангидааст. 15 марти соли 1943 дар беморхонаи ҳарбии 2402 вафот кардааст. Ҷасадашро дар баландии Куполи ноҳияи Пушкин ба хок супоридаанд. (с.322)

**Воровский Валентин Тарасович** — сержанти калон дар ҳайъати полки 193-юми дивизияи 213-уми пиёдагард ҷангидааст. 8 августи соли 1943 ҳалок шудааст. Ҷасади ӯро дар деҳаи Топлинкаи ноҳияи Шебёнини вилояти Курск ба хок супоридаанд. (с.341)

**Боқиев Қамар** — 1923. Дар ҳайъати полки 922-ввуми дивизияи 350 пиёдагард ба муқобили фашистон қаҳрамонона ҷангидааст. 7 январи соли 1942 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Дар деҳаи Озерини ноҳияи Ропеленск ба хок супорида шудааст (с.352)

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Бутаев Алиакбар** — дар ҳайъати полки 1236, дивизияи 372-юми пиёдагарди Артиши 24-уми ҷабҳаи Волга ҷангида, 14 феврали соли 1943 қаҳрамонона ҳалок шудааст. Ҷасадаш дар деҳаи Макарова ба хок супорида шудааст. (с.391)

**Воробёв Семён Михайлович** — дар ҳайъати полки 46-уми савораи гвардиягии дивизияи 19 савора далерона ҷангидааст. 16 сентябри соли 1943 ҳалок шудааст. Ҷасадаш дар деҳаи Слободаи ноҳияи Монстиретский вилояти Смоленский ба хок супорида шудааст. (с.422)

**Восиҳов Воҳид** — 1920. Дар сохтмони заводи металлургии Челябинский кор карда, 23 декабри соли 1943 вафот кардааст. Ҷасадаш дар шаҳри Челябинск ба хок супорида шудааст. (с.424)

**Восеҳов Турдиқул** — 13 феврали соли 1944 дар бемористон вафот кардааст. Ҷасадаш дар деҳаи Кривая Лукаи ноҳияи Кингисен ба хок супорида шудааст. (с.424)

**Восихов Чикул** — дар ҳайъати полки 396-уми дивизияи 135-уми пиёдагард далерона ҷангидааст. 20 июли соли 1943 ҳалок шудааст. Ҷасадашро дар деҳаи Заземени ноҳияи Хвостовичи вилояти Орлов ба хок супоридаанд. (с.424)

Ман ҳам дар назди худ мақсад гузошта будам, ки номи ҳалок шудагони ноҳияи Панҷакентро ҷудо карда, китобе созам ва ба насли ояндаи диёрамон супорам.

Аз ин мақсад раиси собиқадорони Панҷакент Абдуллоҷон Бобоев нағз огоҳанд. Аммо барои иҷро намудани ин кори нек ба ман шароит даст надод. Ин корро Луғмон Қурбон иҷро карданд. Кори хеле савобе мебошад.

Вақте ки номҳои ҳалок шудагонро аз китоби Р.Сафаров ҷудо мекардам, санаи таваллуди аксарияти онҳо 1924-25 буд. Яъне ҳамсолони ман буданд. Ман ки зинда мондам, кӯшиш менамоям, ки номҳои онҳо дар таърих сабт кунам.

Дар он Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз деҳаи хурдакаки Ғарибаки ман (дар он вақт 80 хоҷагӣ дошт) 68 нафар фарзандонаш ба сафи Артиши Сурх рафта, барои муҳофизати Ватан 37 нафарашон қаҳрамонона ҳалок гаштанд. Аз онҳо дар бораи Қаҳҳоров

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Раҳмон навиштаниям. Аз хусуси дигаронашон дар китоби Луғмон Қурбон маълумот дода шудааст.

**Қаҳҳоров Раҳмон** — 1921, деҳаи Ғарибак, 11 марти соли 1944 деҳаи Ливаури Эстония.

*Ҳар тир ки дар ҷабини афлоқ бувад,*
*Омоҷгаҳаш ин дили ғамнок бувад.*
*То чарх чунин золиму бе бок бувад,*
*Осуда касе бувад, ки дар хок бувад.*

***Абулфараҷи Рунӣ[18]***

Раҳмон бо бародараш Қаҳҳоров Бобо, ҳамдеҳаҳоямон Бобоев Ҳоҷӣ, Бобоев Ҷалол ва дигарон 17 апрели соли 1943 ба Артиши Сурх даъват карда шуда буданд. Аз ҷабҳа Бобо Қаҳҳоров ба падарашон Қодиров Қаҳҳор мактуб навишта буданд: «Снайпери душман Абдураҳмонро аз лабаш паррондааст, тир аз пушти сараш баромадааст…» Ин мактубро гирифтем. Тамоми деҳаи мо дар мотам буд.

Махсусан янгаи Ҳурматоям — модари Абдураҳмон, хоҳарони ӯ — Нарзиой, Бибиорифа, Малоҳатой ва дигар хешутаборон дар мотами ӯ буданд. Дар рӯзҳои баҳор Комиссари ҳарбии Панҷакент ба деҳаи мо омада, дар назди мазор маҷлис ороста, ба амакам ордени «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи дуюм)-ро супорид.

Вақте ки амакам ин орденро гирифтанд аламашон боз ҳам зиёд шуд. Ғаму ғусса мехӯрданд. Орден дар хонаи амакам буд. Охир ин орденро ба осорхонаи «Шарафи комсомолӣ»-и назди КМ комсомолии Тоҷикистон супорида будам. Дар солҳои ҷанги гражданӣ дар Тоҷикистон он орденро аз осорхона дуздиданд. Ҷои вафоти Абдураҳмон муайян карда шуд.

Дар Эстония деҳаи Ливауга ба хок супорида шудааст. Абдураҳмон Қаҳҳоров дар деҳаи мо аввалин шахсе буд, ки бо орден мукофотонида шудааст. Бародари ӯ Бобо Қаҳҳоров

[18] Санги мазор. Душанбе, Адиб, 1993, с.17 Гирдоваранда Лоиқ Шералӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қаҳрамонона ҷангкунон то Берлин рафта омаданд. Он кас бо ордени «Ҷанги Ватанӣ» ва 8 медал сарфароз гардонида шудаанд. 16 декабри соли 1990 аз ин дунё чашм пушиданд.

## АСИРОН ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Нависандаи машҳури халқи тоҷик СотимУлуғзода дар китоби худ «Ривояти Суғдӣ» (Душанбе, Маориф, 1986) дар бораи асирон чунин навиштаанд: «Наниманча, ки ба дасти арабҳо асир афтода буд ва ӯро аз Самарқанд ба Арабистон мебурданд, гуфта буд:

— Писарҷонакам, алвидоъ!

— Аз модари бадбахтат розӣ бош, вай меравад, дар ҳасрати ту зор-зор гириста меравад, ту дигар вайро намебинӣ. Модаратро дигар фаромӯш накун,писарҷонакам… Мардони асир хомӯшона мегиристанд» (с.189)

«Шаб асирони бемадору гурусна дар ҳамон ҷои корашон тӯда-тӯда ба ҳавои кушод дар замин ё ки дар капаҳои бурёчин хоб мерафтанд.» (с.19) Нависанда Бобо Насриддинов дар очерки «Дар пои симхор» аҳволи бандиёнро чунин тасвир кардааст: «Дар миёни ҳавлӣ бандиёни бисёре монанди рамаи гӯсфандон бе ҳолу бе мадор мехобиданд. Дар байни бандиён занон ҳам буданд. Модар ҷасади бэҳтиёткорона ба рӯи ғиштпораҳо гузошта, як ба сӯи гитлерчиёни мусаллаҳ нигарист ва пас ғиштпораву чӯбҳоро ба тарафи онҳо ҳаво додан гирифт. Офитсер фармон дод: — Парронед. Ин зан девона шудааст.

Та, та, та, та шунида шуд.»[19]

Ин мисол аз давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ гирифта шудааст. Мазмуни ҳардуяш ҳам як буда, он ҳам бошад азоб

[19] Б.Насриддинов. Рози дил. Душанбе, Ирфон, 1965, с.95.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кашидани асирон аст. Аз ноҳияи Панҷакенти мо ҳам асирон бисёр буданд. Миқдори онҳо ба ман маълум нест. Яке аз он асирон Каримов буд. Дар бораи ӯ Ш.Насриев дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» 6 апрели соли 1980 ва оиди ин мавзӯъ мақолае чоп карда буд.

Тарҷумаи ҳоли **Каримов Маҳмадраҷаб** хеле аҷиб аст (тав.24 марти соли 1924, қишлоқи Ёрӣ, аз оилаи деҳқон, тоҷик).

3 декабри соли 1941 бо 32 нафар ҳамқишлоқонаш ба сафи Артиши Сурх рафтанд. Моҳи апрели соли 1942 дар наздикии деҳаи Лазаренкаи ҶШС Украина байни аскарони сурх ва немисҳо ҷанги шадид мешавад. Дар ин ҷанг Каримов ярадор шуда, ба асирӣ меафтад. Ӯ дар урдугоҳи асирони ҳарбии Ворбенко, Мозговой, Днепропетровский, Житомир, Борисови Белоруссия азобу уқубат мекашад.

Вале дар майнааш шабу рӯз фақат як фикр — пайд ёфта, аз асирӣ халос шудан буд. Ва рӯзе Маҳмадраҷаб Мамад Юсупов — аскари посбонро барои аз ҳавз об овардан мефиристад. Маҳмадраҷаб фурсатро ғанимат дониста, ба воситаи тунел ба назди симхорҳо мерасад ва зери симхорҳоро кофта, ба ҷангал мегурезад ва ба отряди партизании Югославҳо ҳамроҳ мешавад. Ҳамин тавр дар отряди партизанӣ, баталёни зарбазан, зери фармондиҳии лейтенант Москвитин ва комиссар Ҳусейнов дар амалиётҳои гуногун иштирок карда, диловарӣ нишон медиҳад.

Борҳо ба разведка рафта, маълумотҳои пурқиматарро меорад. Ӯ дар озод кардани шаҳрҳои шаҳрҳои Югославия, Калиндия, Тошковорец, Кадакачевец, Ножница, Жаров иштирок кардааст.

Пас аз ҷанг дар ҷабҳаи меҳнат, дар сохтмони Донишкадаи Москва (МГУ) иштирок карда, соли 1952 ба деҳаи Ёрии худ бармегардад.

Каримов барои хизматҳои ҷангиаш бо ордени «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи 2), ордени Югославия, 7 медалҳои ҷангӣ, медали «Ветерани меҳнат» мукофотонида шудааст. Ӯ, ки бо ҳамаи ҳамсинфонаш баробар ба ҷабҳа рафта буд, ба ҷустуҷӯи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

онҳо,ки аксарашон барнагашта буданд, баромад. Дар натиҷа ҷои дафни рафиқонаш Амон Холлов, Маҳкампӯлод Аҳмадов, Бобо Абдураҳмонов, муаллими деҳа Абдуҷаббор Ортиқовро ёфт.

Моҳи маи соли 1987 бошад, барои ӯ фаромӯшнашаванда гардид. Дар шаҳри Ленинобод вохӯрии ҳамяроқони дастаи 99 махсуси тирандозии тоҷик барпо гардид. Дар он ҷо ӯ ба рафиқони партизани худ мулоқот кард.

**Дарвешов Абдураҳмон** (тав.1921, қишлоқи Ғарибак, маи 1993 ҳамон ҷо). Соли 1941 ба сафи Артиши Сурх даъват карда мешавад. Моҳи декабри соли 1942 ба асирӣ афтода, тамоми азобу уқубати асириро аз сар гузаронидааст. Баъд аз тамом шудани ҷанг дар конҳои Гурян ва Ҷилав кор мекунад. Барои хизматҳои шоёнаш бо орденҳои «Нишони фахрӣ» (1971), «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи 2) ва 10 медал мукофотонида шудааст.

А. Дарвешов ба нафақа баромада, ба деҳаи худ баргашта, барои ободонии қабристон машғул гардид. Дар назди қабристон боғе сабзонда, дар сари роҳ чойхонаи ҷамъиятӣ сохт, ки роҳгузарон дар он ҷо истироҳат карда мераванд. Ягона фарзанди ӯ Абдураҳим Дарвешов дар деҳаи худ касби муаллимиро пеша кардааст.

## ЁРИИ ҲАМАТАРАФА БА ҶАБҲА

Ташкилотҳои ҳизбӣ ва шӯравии Тоҷикистон ёрии ҳаматарафаи халқи тоҷикро ба ҷабҳа ташкил мекарданд. Меҳнаткашони Тоҷикистон бошанд, садоқатмандона меҳнат карда, ба ҷабҳа кӯмаки ҳаматарафаи худро мерасониданд.

Дар моҳи сентябри соли 1941 колхозчиёни колхози «Партизани сурх»-и ноҳияи Куктош ба тамоми колхозчиёни Тоҷикистон муроҷиатнома қабул карданд, то барои аскарони сурх либоси гарм ҷамъ кунанд. Коллективи фабрикаи №1 шаҳри

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сталинобод ба тамоми коргарон муроҷиат кард, ки ба ҷабҳа ёрии ҳаматарафаи худро расонанд.

Бюрои КМ ҲК(б) Тоҷикистон бо қарори худ аз 17 сентябри соли 1941 ин муроҷиатномаҳоро дастгирӣ кард».[20]

Бояд гуфт, ки дар бойгонии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар бораи ёрии халқи Панҷакент ба ҷабҳа ва оилаҳои ҷанговарон ҳуҷҷатҳои хеле бисёре ҷамъ шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳо шаҳодат медиҳанд, ки ташкилотҳои ҳизбии Панҷакент (котиби якум Файзӣ Қосимов) Комиҷроияи ноҳия (раисаш Ғанӣ Бобоев) ёрии ҳаматарафаи халқи Панҷакент ба ҷабҳаро ташкил кардаанд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ халқи Тоҷикистон, аз он ҷумла Панҷакент фақат дар бораи муҳофизати Ватан фикр мекарданд.

Меҳнаткашони ноҳияи Панҷакент ҳаматарафа ба ҷабҳа аз ҷиҳати моддӣ ёрии худро мерасониданд. Дар рӯзҳои аввали ҷанг 33 нафар коркунони омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳия, аз он ҷумла: Н.М.Жариков, Баҳрӣ Раҳимов, Отақул Низомов, Абдулло Файёзов ва дигарон 605 сӯм пул ҷамъ карда ба ёрии ҷабҳа супориданд.[21]

Бояд гуфт, ки ҳамаи номҳое, ки дар боло зикр гардиданд, муаллимони мо буданд. Жариков муаллими ҳарбӣ, Б.Раҳимов муаллими таърих, О.Низомов муаллими забон ва адабиёт, Абдулло Файёзов — муаллими биология буданд.

Аз инҳо Жариков ва Низомов ба сафи Артиши Сурх ба ҷанг рафта буданд.

4 августи соли 1941 ҳамоиши коргарони заводи винопазии Панҷакент барпо гашт. Ба фонди ёрӣ ба ҷабҳа директори он Зиёев 200 сӯм, алавмон Ортиқов 150 сӯм, мудири анбор Умарқул Мунавваров 450 сӯм. Ҳамингуна ҳамаи коргарони завод аз 150 сӯм то 450 сӯм кӯмаки худро расониданд.[22]

---

[20] КПКТ ф.3. н.49, д.625. в.83.
[21] БП КМ ПКТ ф.5748, н.8. д.51 в.12.
[22] БПКТ ф.5748 н.8. д.51 в.12.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба фонди мудофиа артели «Ударник» — 8350 сӯм, нуқтаи ғаллатайёркунӣ 4100 сӯм, коркунони стансияи мошинӣ-тракторӣ Тошев Нақиб як либоси ҳарбӣ, Гусев — куртаи гарм, Муминов — фуфайка ва 1030 сӯм пул супориданд.[23]

Коркунони идораи мошинҳои мусофиркаш Старков фуфайкаи гарм, Кучеренко шими гарм, Видерников фуфайка, Ҳоҷиев шими гарм, Лоташкина шапка супориданд.[24]

Колхозчиёни колхози «Маданият» Аъзамов Саидқул, Муллоҷонов Эшонқул, Набиев Б., Қурбонов Яҳё ҳар кадомашон ба фонди ҷабҳа аз 5 то 20 маоши як рӯзи меҳнати худро супориданд.[25]

Рӯзномаи «Коммунисти Панҷакент» 14 январи соли 1042 хабар дода буд, ки меҳнаткашони шӯрои қишлоқи Уртақишлоқ барои ёрӣ ба ҷабҳа 1100 сӯм, Саразм 2300 сӯм, раиси колхози «1 май» вакили Шӯрои Олии ИҶШС Исрофил Ҷумъаев 1200 сӯм пул супориданд. Ин рӯзнома 15 январи соли 1943 боз хабар дод, ки Исрофил Ҷумъаев ба фонди ҷабҳа 4000 сӯм пул гузаронид. Раиси комиҷроияи ноҳия Бобоев Латиф ба фонди мудофиа костюм, шим, курта, 21 коркуни комиҷроия 33 намуди либосворӣ ҷамъ карданд. Котиби комитети ҳизбии ноҳия Мирмуҳаммедов, раиси Комиҷроия Бобоев Латиф дар моҳи июни соли 1942 ба Комитети ҳизби вилояти Ленинобод, чунин хабар доданд:

«…аҳолии Панҷакент ба ҷабҳа чунин ёрдам доданд: нимшубаҳо — 8 дона, фуфайка — 199 дона, шароварҳои ҳарбӣ — 130 дона, валенкаҳо — 189 ҷуфт, дастпӯшакҳо — 20 ҷуфт, дастпӯшакҳои чармин — 144 ҷуфт, пашм 1363 кг, пайтоваҳои пашмин — 274 ҷуфт, либоси дохилӣ — 113 дона, шапкаҳо — 205 дона, кампалҳо — 179 дона, полотенса — 65 дона, шинел — 12 дона. Ҳамааш 3662 номгӯй.»[26]

---

23 Ҳамон ҷо в.23.
24 Ҳамон ҷо, с.72.
25 Ҳамон ҷо, с.23.
26 БПКТ ф.5748 н.8 д.51. в.7.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар пленуми Кумитаи ҳизбии ноҳия 16 январи соли 1942 гуфта шуда буд, ки колхозчиён, хизматчиёни ноҳия ба фонди мудофиа 667 550 сӯм заём ва 80457 сӯм пули накд доданд. 2663 ҳаргуна либосҳо ҷамъ карда, ба фонди мудофиа фиристода шуд.[27]

Колхозҳои ноҳияиПанҷакент ба Артиши Сурх ёрии калони худро мерасониданд. 13 январи соли 1942 колхозҳои ноҳия ба ҷабҳа чунин ёриҳо расонида буданд:

| **Номи колхозҳо** | **Картошка** | **Сабзавот** | **Бузу гӯсфанд** | **Равған** | **Моли шохдори калон** | **Ғалла** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Каганович (Панҷакент) | 400 с. | 137 с. | | | | 300 кг. |
| Маданият (Панҷакент) | 213 с. | 152 с. | 4 | 10 | | |
| Янги-деҳқон (Сӯҷина) | 814 с. | 52 | 4 | 40 | | 398 кг. |
| Ворошилов (Хурмӣ) | 400 с. | | | | 1 | 197 кг. |
| Андреев (Хурмӣ) | 280 с. | | | | 1 | 95 кг. |
| Дарвозаи Шарқи Сурх (Панҷакент) | 1300 с. | 500 | | | | 400 кг. |
| Сталин (Саразм) | 245 с. | | | | | 199 кг. |
| Сталин (Ёрӣ) | | | | 40 кг. | 2 | 408 кг. |
| Комсомол (Косатарош) | | | | 10 кг. | 3 | |
| 1 май (Хурмӣ) | | | | | 1 | 350 кг. |
| Қизим-Тоҷикистон (Амондара) | | | | | 1 | 196 кг. |
| Сталинобод (Вешист) | | | | | | 936 кг. |
| Калинин (Вешист) | | | | | | 296 кг. |
| Иттифоқ (Хурмӣ) | | | | | | 290 кг. |
| Стаханов (Саразм) | | | | | | 753 кг. |

27 Ҳамон ҷо, д.63 в.6.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Лоҳутӣ (Қуштеппа) | | | | | | 250 кг. |
| Ҳаёти нав (Колхозчиён) | | | | | | 189 кг. |
| Партизан (Моғиён) | | | | | | 188 кг.[28] |

Рӯзномаи «Комсомолии Тоҷикистон» 31 маи соли 1967 дар бораи Раиси шӯрои қишлоқи Уртақишлоқ Худойбердӣ Тӯраев мақолае чоп карда буд, ки ӯ соли 1942 ба ёрии Артиши Сурх 25 ҳазор сӯм супорид. Аз Москва ба ӯ чунин телеграмма омада буд: «Барои ёрӣ ба Артиши Сурх карданатон ташаккур! Сарфармондеҳи олӣ И.В.Сталин».

Х.Тӯраев бо се грамотаи Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст. Меҳнаткашони ноҳияи Панҷакент ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳаматарафа ёрии худро мерасониданд. Ба онҳо дар соли 1942-ввум 3600 кг орд, 1070 кг биринҷ, 10 моли хурд, 300 кг собун, 200 кг макарон ёрӣ расонида буданд.[29]

КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон 11 декабри соли 1942 «Дар бораи ҷамъоварии маблағ барои сохтани колонаи танки «Колхозчии Тоҷикистон» қарор қабул кард.

…КМ ҲК(б) Тоҷикистон зарур медонад, ки аз колхозиён ва колхозчизанони ҶШС Тоҷикистон барои сохтмони колонаи танкии «Колхозчиии Тоҷикистон» маблағ ҷамъ карда шавад.

КМ ҲК(б) Тоҷикистон ҳамаи колхозчиёнро даъват мекунад, ки … дар супурдани маблағ барои сохтмони колонаи танкии «Колхозчии Тоҷикистон» фаъолона иштирок намоянд.[30]

Дар асоси ин қарор бисёр колхозчиёни Панҷакент ба ин колона маблағи худро супориданд. Алиев Карим — аз деҳаи Саразм барои колонаи танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон» 500 сӯм пул гузаронид.[31]

---

28 БП КТ ф.5748 н.8 д.69. в.39.
29 Бойгонии ПК Тоҷикистон ф.5748, н.6 д.116. в.17.
30 Рӯзномаи «Коммунист Таджикистана», 12 декабри соли 1942, № 290.
31 Комсомолии Тоҷикистон, 31 маи соли 1967.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Моҳи марти соли 1943 халқи тоҷик ба ҷанговарони тоҷик, ки бо душмани ғаддор ҷанг мекарданд, чунин мактуб фиристонид: «Писарони азиз, шавҳарон, бародарон, ҷанговарони ҷасури мо!

...Мо, ки аз ҳеҷ куҷо ёрӣ умед надоштем, бо даъватамон халқи бузурги рус дар зери байрақи зафаровари Ленин ба ёрӣ омад. Ёрии бародарона ва дастгирии дигар халқҳои ИҶШС ба мо имконият дод, ки хӯҷаини Ватани озод ва хушбахти сотсиалистӣ шавем.

...Ҳозир душмани қотили инсонияти тараққипарвар — Гитлер ва урдуҳои ваҳшии ӯ қасди вайрон кардани оилаи бародаронаи Иттифоқи Шӯравӣ кардааст, ки дар ҳайъати ин иттифоқ мо истиқлолият ва озодӣ ба даст овардаем. Оё шубҳа кардан мумкин аст, ки шумо, фарзандони далери халқи тоҷик, ҷанговарони ҷасури он вазифаатонро дар назди Ватан ифтихормандона иҷро менамоед. Охир шумо барои он меҷангед, ки абрҳои тираи зулмот дурахши Конститутсияро, ки ҳаёти моро мунаввар мегардонад, тира накунад, гулҳои боғамон пажмурда нашаванд, модарону падарон, бародарону хоҳарон ва фарзандонатон дарзери асорат намонанд, шумо барои он меҷангед, ки оби ҷӯйҳоямон хушк нашаванд, шумо барои он меҷангед, ки хонаҳои маданиятамон валангор нашаванд.

...Шуморо бовар мекунонем, ки ҷавобан ба корнамоиҳои қаҳрамононаатон, ҷавобан ба ҳуҷуми фотеҳонаи Артиши Сурхи шуҷоатманд боз ҳам хубтар кор мекунем. Ватан ва ҷабҳаро аз аслиҳа, тиру туфанг, нефт, ангишт, либос, хӯрокворӣ бештар таъмин менамоем... Мо Артиши Сурхи азизамонро бо маводҳои эҳтиётӣ пурра таъмин мекунем, оилаҳоятонро падарвор нигоҳубин мекунем...

...Ҷанговарони ҷасури мо! Дар ҷанги зидди душмани ашадитарини инсоният — фашистон иштирок кардан барои шумо шарафи бузург мебошад. Фарзандону набераҳоятон бо шумо фахр мекунанд. Халқи мо корнамоиҳои шуморо абадан бо миннатдории бузург ва муҳаббат ба хотир меорад. Фарзандони азизи Тоҷикистон, далерона ба пеш равед, даррандаҳои разили

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фашистиро аз сарзамини шӯравӣ ронед, одамхӯрони гитлериро несту нобуд кунед».

Ба мактуб бештар аз 300 ҳазор меҳнаткашони ҶШС Тоҷикистон имзо карданд. [32]

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба оилаҳои аскарони сурхи Тоҷикистон бештар аз 50 миллиону 882 ҳазор сӯм нафақа дода шуда буд.[33] Ба оилаҳои аскарони сурхи Панҷакент дар соли 1945 3600 кг орд, 1070 кг биринҷ, 10 сар ҳайвоноти хурд, 10.500 сӯм пул ва дигар чизҳо кӯмак расонида шуда буд.[34] Меҳнаткашони Тоҷикистон ба фонди мудофиа 40750 тонна ғалла, 151 вагон ҳаргуна маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, 532 ҳазор либосҳои гарм, 123800 дона пӯст, 93400 кг пашм ва дигар чизҳоро супорида буданд.[35]

## ҒАМХОРӢ ДАР ҲАҚҚИ САҒИРОН

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ миқдори сағирони бепараст хеле зиёд гашт. Дар назди ташкилотҳои комсомолӣ ва пионерӣ вазифа истода буд, ки дар ҳаққи ин кӯдакон ғамхорӣ намоянд.

Бюрои КМ комсомолии Тоҷикистон 8 декабри соли 1941 «Дар бораи бачагони бепарастор ва бе назорат» қарор қабул кард. Дар он қарор гуфта шуда буд, ки дар соли 1941 аз тарафи милисаи ҷумҳурӣ 1715 бачагон дошта шудаанд, ки онҳо бе парастор ҳастанд.[36]

---

[32] Мактуби халқи тоҷик ба ҷанговарони тоҷик. Душанбе. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, с.1943.

[33] Бойгонии давлатии Марказии Тоҷикистон ф.820, н.7. д.223. в.150.

[34] БПК Тоҷикистон ф.5748, н.2 д.116. с.17.

[35] М.Иркаев, Ю.Николаев, Я.Шарапов Очерки истории Советского Таджикистана. Сталинабад, 1957, № 370.

[36] БПКТ ф.36. н.1. д.224. в.147.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

СКХ ИҶШС23 январи соли 1942 «Дар бораи ҷобаҷо кардани бачагон» қарор қабул кард. Дар асоси ин қарор дар назди комиҷроияҳо комиссияҳо ташкил карда шуданд, то ки онҳо дар бораи бачагони бепарастор ва бе назорат ғамхорӣ зоҳир намоянд.[37]

Ташкилотҳои комсомолӣ ва пионерии Панҷакент дар ҳаққи ин хел бачагон ғамхорӣ мекарданд. Онҳоро барои тарбия кардан ба хонаи бачагон ҷалб менамуданд. Дар байни онҳо сӯҳбатҳо мегузаронидаанд. Дар ноҳияи Панҷакент ҳамин хел комиссия ташкил карда шуда буд. Раиси он раиси Комиҷроияи ноҳия Ғанӣ Бобоев буданд.

Дар ноҳияи Панҷакент хонаи бачагон кор мекард. Бачагони хонаи бачагон ҳамаҷиҳата аз тарафи Давлати Шӯравӣ таъмин карда мешуданд. Дар асоси қарори бюрои КМ ЛКСМ Тоҷикистон аз 26 июни соли 1945 барои хонаи бачагони Панҷакент 600 метр матоъи пахтагӣ ва 6000 сӯм пул ҷудо карда шуда буд.[38]

## КОЛХОЗҲО ДАР СОЛҲОИ ҶАНГ

Дар аввали солҳои чилум хоҷагиҳои коллективӣ хеле тараққӣ карданд. Дар соли 1938-ум 92 фоизи хоҷагиҳои қишлоқро «Ҷамъиятҳои рафиқона» (Тозҳо) ташкил мекарданд. Дар соли 1941 ин хоҷагиҳо ба хоҷагиҳои колхозӣ мубаддал шуда, низомномаи худро қабул карда буданд. Дар он вақт дар ҷумҳурӣ 51 стансияҳои мошинӣ-тракторӣ кор мекарданд. Дар тамоми ҷо хоҷагиҳои коллективӣ ташкил карда шуда, ба сотсиализм

[37] Сборник постановлений СССР, 1942, № 2 л.26.
[38] БПКТ ф.36. н.440. в.205.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қадам гузошта буданд.[39] Ташкилотҳои ҳизбӣ ва Шӯравии Панҷакент ҳам барои мустаҳкам намудани колхозҳо корҳои зиёде мебурданд. Дар соли 1941 дар ноҳияи Панҷакент 94 колхоз вуҷуд доштанд.[40]

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз колхозҳои беҳтарини ноҳия колхози «1 май» буд. Ин колхоз дар соли 1944 аз ҳар гектар шолӣ 37 сентнерӣ ҳосил гирифта буд.[41]

Бригадаи Бобо Муқимов аз колхози «1 май» дар соли1940 аз ҳар як гектар шолӣ 52 сентнерӣ ҳосил гирифта буд.[42]

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ колхози ба номи Ворошилов (ҳоло ба номи Бобоқулов) раиси он Ҳалимов Рӯзибой яке аз колхозҳои пешқадам буд. Ҳалимов тамоми ҳаёти пурсамари худро дар кори деҳқонӣ гузаронида буданд. Дар ин колхоз дар вазифаҳои бригадир, мудири ферма, раиси колхоз фаъолият кардаанд.

Мудири фермаи ин колхоз Элибой Холтураев аз ҳар сад сар меш 157 барра гирифта буданд.[43] Яке аз колхозчиёни пешқадами ин колхоз Иброҳим Арбобов буданд. Дар ин кор он кас таҷрибаи бой доштанд. Колхоз дар он солҳо аз зироати шолӣ ҳосили баланд мегирифт.

## ИСТГОҲҲОИ МОШИНӢ-ТЕХНИКӢ

Дар тараққӣ додани кори хоҷагии қишлоқи Панҷакент нақши истгоҳҳои мошинӣ-техникӣ хеле калон мебошад. Дар он ҷо тракторчиёни беҳтарин меҳнат мекарданд. Яке аз онҳо

39 Расулов Д. 40 лет коммунистической партии Таджикистана, Душанбе, Ирфон, 1964, с.31.
40 Архиви партиявии Ленинобод ф.51. н.2. д.87. в.80.
41 БП КИ ф.5748 н.8. д.103. в.9.
42 Коммунисти Панҷакент, 1941, 18 феврал.
43 Коммунисти Панҷакент, 10 феврали соли 1942.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бозоров Вафо буд. Ӯ соли 1942 курси семоҳаи тракторчиёнро хатм намуда, то соли 1943 дар вазифаи тракторчӣ кор кардааст. Баъд аз он, ба сафи Артиши Сурх рафта, ба муқобили фашистон қаҳрамонона меҷангад. Соли 1945 аз ҷабҳа баргашта, боз ба кори тракторчигии худ машғул шуда, аз соли 1946 то 1957 бригадири тракторчиён мешавад. Вақте ки соли 1961 истгоҳҳои тракторӣ барҳам хӯрданд, дар колхози ба номи Жданов вазифаи саринженериро адо кардааст.

Барои хизматҳояш Бозоров Вафо бо орденҳои «Ҷанги Ватанӣ», 11 медал мукофотонида шудааст. Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон 11 феврали соли 1957 барои меҳнати фидокорона ва муваффақиятҳои соли 1956 дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ба дастоварда шуда, рафиқ Бозоров Вафо, механики бригадаи трактори ЛАЙС-и Панҷакентро бо грамотаи фахрӣ мукофотонид. Бозоров Вафо боз 24 феврали соли 1969 бо грамотаҳои Раёсати Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон сарфароз карда шудааст.

## МАКТАБ ВА МАОРИФ ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҲукуматиШӯравӣ ва Ҳизби Коммунист ба соҳаи мактаб ва маориф ғамхории калон мекарданд. Рӯзномаи «Правда» 24 марти соли 1942 навишта буд: «Тамоми ақибгоҳи мо барои ҷабҳа кор мекунад, бо истилогарони фашистӣ мубориза мебарад. Магар дар ин мубориза насли наврас фаъолона иштирок карда метавонад? Мо ба фарзандони худ кушоду равшан мегӯем: Гражданинҳои ҷавон! Ватани маҳбуб тамоми чизи беҳтаринро ба шумо бахшидааст ва мебахшад. Ҳоло вақте расидааст, ки шумо ҳам ба вай кӯмак расонед, хизмати худро адо кунед».

Мактаббачагони Тоҷикистон ба ин даъват кӯшиш намуда, ба ҷабҳа кӯмаки худро расониданд. Тобистони соли 1942, 120

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳазор мактаббачагон кор карда, 3 миллион сӯм маблағи рӯзи меҳнат кор карданд.[44]

Он солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкилотҳои ҳизбӣ ва Шӯравии Панҷакент барои беҳтар намудани кори мактаб ва маориф кӯшиш мекарданд. Чи хеле ки маълум аст, дар ин солҳо китобҳо, китобҳои хониш намерасиданд, бисёр муаллимон ба ҷабҳа рафта буданд.

Ба ҳамаи мушкилиҳо нигоҳ накарда, тамоми мактабҳои ноҳия кор мекарданд. Баъзе муаллимони Панҷакент хоҳиш мекарданд, ки онҳоро ба ҷанг фиристонанд ва ҳатто муаллимҳо ҳам ариза медоданд.

Муаллимаи мактаби № 30 шӯрои қишлоқи Ёрӣ М.Баҳриддинова ба комиссариати ҳарбии ноҳияи Панҷакент ариза навишт, ки ҳоло шавҳари ӯ дар сафи Артиши Сурх ба муқобили фашистони немис ҷангида истодааст. Ӯ ҳам мехоҳад, ки ба ҷабҳа рафта, барои нест кардани фашизм мубориза барад.[45]

Дар солҳои Ҷанги Бузруги Ватанӣ навъи нави мактабҳо ташкил карда шуда буданд. Дар асоси қарори Шӯрои Комиссарони халқии ИҶШС аз 12 июли соли 1943 мактабҳои ҷавони Коргар ташкил карда шуда буданд, ки онҳо 1 октябри соли 1943 ба кор сар карданд. Дар асоси қарори ҳукумат аз 6 июли соли 1944 мактабҳои шабонаи ҷавонони деҳқон ташкил карда шуда буданд.[46]

Дар асоси қарори Шӯрои Комиссарони ИҶШС аз 21 июни соли 1944 медалҳои тилоӣ ва нуқрагӣ таъсис дода шуда буданд. Медали тилло барои он талабагони тамомкунандаи мактаби миёна дода мешуд, ки аз ҳамаи фанҳо баҳои «5» дошта бошанд, аз ахлоқ ҳам баҳои «5» дошта бошанд. Медали нуқра ба он хатмкунандагон дода мешуд, ки баҳоҳои «5» ва аз 3 фан баҳои «4» дошта бошанд.

---

44 БПКТ ф.36. н.1. д.329. в.91.

45 Коммунисти Панҷакент, 8 марти соли 1942.

46 Народноле образование СССР. М., Педагогика, 1974, с.389.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар соли 1944 номаи камол ҷорӣ карда шуд. Ин ҳамаи чорабиниҳои Ҳукумати Шӯравӣ барои боз ҳам хуб намудани кори мактаб ва маориф равона карда шуда буд.

Масъалаи кори мактаб ва маориф дар маркази диққати ташкилоти ҳизбии ноҳияи Павнҷакент меистод. Дар ҷаласаи Комитети ҳизбии ноҳия 19 августи соли 1944 масъалаи «Дар бораи тайёрӣ ба соли хониши 1944/1945» муҳокима карда шуд. Пленум қайд кард, ки дар соли хониши 1943/1944 аз 6735 талабагон 407 нафарашон ба мактаб ҷалб карда нашуда буданд. Дар мактабҳои ноҳия 10 муаллимони забони русӣ намерасиданд.

Пленум аз мудири шӯъбаи маорифи Панҷакент Субҳон Пӯлодов талаб намуд, ки барои боз ҳам беҳтар намудани кори мактабҳо чораҳоро бинад.[47]

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёр муаллимоне буданд, ки аз тахти дилу ҷон кор мекарданд. Дар конференсияҳои муаллимон номҳои онҳоро ба хубӣ қайд мекарданд.

Яке аз ин хел муаллимони обруманди Панҷакент Ашӯров Ризо буданд (тав.1902 шаҳри Панҷакент, 1971 ҳамон ҷо).

Ашӯров кори муаллимиро соли 1937 дар деҳаи Дуобаи шӯрои қишлоқи Ёрӣ шурӯъ карда буданд. Баъд аз он ба вазифаи директори мактаби Ёрӣ таъйин шуда, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ то соли 1947 дар ин мактаб кор карданд.

Ман ҳам дар он солҳо муаллим шуда кор мекардам. Медонам, ки дар ҳар як конференсия он кас дар раёсати маҷлис нишаста, баромад мекарданд.

Соли 1947 сарвари мактаби ибтидоии Лаби чашмаро ба ӯ супориданд. Шароити мактаб ҷавобгӯи замон набуд, бино кӯҳна, шароити дуруст ба роҳ мондани таълим надошт, бинобар ин мактаб ба ҳавлии Мулло Оқил кӯчонда шуд. Бо мурури замон дар ҷои дигар мактаби нав бунёд гардид, ки дар сохтмони он ҳиссаи Ризо Ашӯров калон мебошад. Бинои мактаб соли 1954 ба кор даромад. Ҳоло ин мактаби кӯчак — мактаби миёна буда,

[47] БПКТ ф.5748, н.8. д.92. в.17.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зиёда аз 600 нафар хонанда дорад. Дар ин мактаб Р.Ашӯров, Ғиёсиддин Самадов, Раҳмон Мухторов, Усмонқул Нӯъмонов хизмати босазое кардаанд.

Имрӯз ин омӯзгорон дар ҳаёт нестанд, лекин бо хизмати шоёнашон дар хотири мардуми маҳаллаи Азизобод нақш гузоштаанд. Ашӯров соли 1968 ба нафақа баромада, соли 1971 аз олам чашм пӯшид. Чи тавр ки мегӯянд, аҳли маориф гузарад, боқӣ бувад номаш. Аз ҳамин сабаб Ашӯров дар дили шогирдонаш боқист. Фаъолияти педагогии ин марди хоксор бо 5 медали Ҳукумати Шӯравӣ сарфароз гардонида шудааст. Ҳоло фарзандонаш Раҳмонқул, Барно, Муродой аз паси касби падар рафта, омӯзгоранд. (Материали Аслам Қаҳҳорӣ)

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мактаби деҳаи Ғарибак яке аз мактабҳои пешқадами ноҳияи Панҷакент буд. Муаллимоне чун Саид Мирбоев — директории мактаб, Исроил Исмоилов — мудири қисми таълимӣ, Карим Раҳимов — муаллими забон ва адабиёт, Расул Ашӯров — муалими география (ба сафи Артиши Сурх даъват карда шуд), Розиқов — муаллими математика (аз шаҳри Самарқанд), Самеъҷон Бозоров — муаллими таърих (аз шаҳри Конибодом), Таня Минаева — муаллимаи забони русӣ, Бердӣ Турсунов — муаллими ҳарбӣ (аз Панҷакент), Неъматуллоев бо оилааш Саида Шарифова (аз Панҷакент), Пӯлод Ҳакимов (аз шаҳри Самарқанд), Шарофат Ҷӯрабоева, Она Воҳидова, Миша Елизаров (аз Панҷакент) ба шогирдон дарс медоданд. Аз одамони номбар карда шуда, ҳоло дар ҳаёт фақат ман мондаам. Бинобар ин номҳои онҳоро дар таърих мондан вазифаи муқаддас мешуморам.

Мактаби мо ки дар миқёси ноҳия намуна буд, намояндагоне, ки аз вилоят ё ҷумҳурӣ меомаданд, мудири шӯъбаи маорифамон — Субҳонқул Пӯлодов дар мактаби мо пазирои менамуд. Зеро, ки сифати кори мактаби мо хуб буд ва дар қишлоқи мо нони гандум буд. Меҳмононро меҳмондорӣ карда метавонистем. Ҳамаи мо маълумоти миёна доштем. Аз таҳти дилу ҷон кор мекардем. Дар ин вақт ба ҳар сари оила 8 кг орд

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

медоданд. Масалан, оилаи Розиқов аз 8 нафар иборат буд. Онҳо 24 кг орд мегирифтанд. Рӯзномаи «Коммунисти Панҷакент» 31 январи соли 1942 навишта буд, ки муаллима ва талабагони қишлоқи Ғарибак ба фондиАртиши Сурх 2000 сӯм пул, 20 пӯст доданд. Дар натиҷаи нағз кор кардани муаллимон директори мактаб Саидбой Мирбоев моҳи августи соли 1945 ба вазифаи инструктори комитети ҳизбии ноҳия, коркуни ҳизбӣ, котиби Комитети ҳизбии ноҳия мушарраф шуданд. Мудири қисми таълимӣ Исроил Исмоилов моҳи августи соли 1945 ба вазифаи котиби якӯми Комитети комсомолони ноҳия интихоб шуда, коркуни профессионалии комсомол шуд.

Омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент моҳҳои ноябр-декабри соли 1942 баста шуд. Ба ҷои он аз шаҳри Одесса мактаби ҳарбӣ-ҳавоӣ таъсис гардид.

Вақте ки ин мактаб боз ба шаҳри Одесса кӯчида рафт, омӯзишгоҳ дар соли 1944 кори худро боз давом дод.

Бисёр омӯзгорони омӯзишгоҳи омӯзгории мо ба ҷабҳа рафтанд. Директори омӯзишгоҳ Муҳаммадӣ Арсланов ба ҷабҳа рафта, қаҳрамонона ҷангида бо рутбаи капитан баргаштанд. Муаллими забон ва адабиёт Отақул Низомов ба ҷабҳа рафта бо рутбаи лейтенанти калон баргаштанд. Муаллимон Ҷалилов дар ҷабҳа ҳалок шуданд. Муаллим Расул Ортиқов дар ҷабҳа ҷангида, бо рутбаи лейтенанти калон баргаштанд.

Муаллимони беҳтарини Панҷакент Боқӣ Амонзода, Аслиддин Абдуллоев, Александр Иванович Белозерский, Қутбиддин Раззоқов, Насрулло Усмонов, Отақул Низомов (ҷанговар), Шамсиддин Баҳриддинов, Муқаддас Искандаров, Ҳалима Искандарова, Алибой Ҷӯраев, Бобо Турдиев, Нусратов Абдуҷаббор Шарифзода, Баҳрӣ Раҳимов, Абдуллоҷон Фаёзов, Файзулло Хоҷаев, Махсум Бобомуллоев, Насим Акрамов, Карим Раҳимов, Додарой Абдуллоева, Башорат Юсуфова ва бисёр дигарон дар мактабҳои ноҳия кор карда, талабагонро дар рӯҳи Ватандӯстӣ тарбия мекарданд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба кори маорифи халқи Панҷакент Пӯлодов Субҳонкул роҳбарӣ мекард. Ба душвориҳои ҷанг нигоҳ накарда, тамоми мактабҳои Панҷакент кор мекарданд. Вақте ки дар солҳои 1945-1947 вилояти Ӯротеппа барпо шуд, Пӯлодов ба мудири шӯъбаи маорифи вилоят таъйин шуданд. Баъди адои вазифа ба Панҷакент баргаштанд. Дар кори тарбияи халқи Панҷакент хизматҳоишоён кардаанд. Он кас бо 6 медал, грамотаҳои Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон ва дигар мукофотҳо сарфароз гардидаанд. Бояд гуфт, ки Пӯлодов яке аз устодони ҳақиқии ман буданд.

Бо қарори бюрои КМ ЛКСМ Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 1941 Борон Сатторов аз вазифаи котиби якӯми комсомолони ноҳия озод карда шуда, ба он вазифа Бибираҷаб Исоева тасдиқ карда шуда буд. Ӯ то соли 1943 дар ин вазифа кор кард. Аз 28 апрели соли 1943 дар вазифаи котиби якӯми комсомолони ноҳия Кашифа Вилдонова фаъолият кард. Баъд аз он 22 ноябрисоли 1943 котиби якӯми Комсомолони Панҷакент Маҳмудов Ғиёс таъйин шуд.[48]

5 июни соли 1944 Маҳмудов Ғиёс бинобар касал буданаш аз вазифаи котиби якӯми комсомолони ноҳия озод карда шуд (Ӯ вафот кард). Ба ин вазифа Юнусов Абу интихоб гардид. Баъд аз он моҳи июли соли 1945 ба ин вазифа Шодмонов Яздонро интихоб карданд. Моҳи августи соли 1945 ба вазифаи котиби якуми комитети комсомолони ноҳияи Панҷакент Исмоилов Исроил интихоб гардид.

Чи хеле ки дар боло қайд кардем, дар солҳои 1941-1945 ҳафт маротиба котибони якуми комитети комсомолии ноҳия дигар карда шуд. Ин ба пешравии кор халал мерасонид.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкилотҳои комсомолии Панҷакент аз ҷиҳати ташкилӣ суст шуданд. Дар соли 1942 дар 9 колхози ноҳия ташкилотҳои комсомолӣ барҳам хӯрданд. Дар 38 мактаби ҳафтсола ва як мактаби миёна ташкилотҳои

[48] БПКТ 36. н.1. д.330. в.88.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

комсомолӣ аз фаъолият монданд. Аксарияти комсомолон ҳаққи аъзогӣ намесупориданд. Дар солҳои 1943-1944 даҳ ташкилоти комсомолӣ, ба монанди ташкилотҳои комсомолии артели «Ударник» — котибаш Халилава, колхози ба номи Ворошилов — котибаш Раҳматулло Ортиқов ва дигарон.

5 июни соли 1944 ҷаласаи дуввуми комитети комсомолони Панҷакент барпо шуд. Дар ин пленум котиби комитети комсомолони вилояти Ленинобод Усмон Шарифов иштирок дошт. Пленум масъалаи ташкилиро дида, аз вазифаи котиби якуми комитети комсомолон Ғиёс Маҳмудовро бо сабаби касал буданаш озод кард. Ба ин вазифа иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Юнусов Абуро интихоб кард. Ба вазифаи котиби дуюм Екатерина Зиновскаяро таъйин намуд.

Қарори бюрои КМ ЛКСМ Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 1944 ба вазифаи котиби якуми комитети комсомолони Панҷакент Юнусов Абуро тасдиқ кард. Маҳмудов Ғиёс аз касали сил вафот кард.

Бо қарори КМ ЛКСМ Тоҷикистон аз 25 августи соли 1945 Юнусова Махфират ба вазифаи ташкилотчии кор дар байни занони комитети комсомолони ноҳияи Панҷакент тасдиқ карда шуд. Дар ин солҳо яке аз ташкилотҳои беҳтарини комсомолони ноҳия, ташкилоти комсомолони колхози «1 май» котиби ташкилоти комсомолиаш Исмоилов Исроил буд.

Рӯзномаи «Коммунисти Панҷакент» 13 феврали соли 1942 навишта буд, ки комсомолони ин ташкилот Бурҳониддин Ҷӯраев, Саид Мирбоев, Раҳмон Қаҳҳоров, Исроил Исмоилов дар байни колхозчиён корҳои ташвиқотӣ бурда, хабарҳо аз ҷангҳоро ба колхозчиён фаҳмонда медиҳанд.

Бюрои комитети комсомолони ноҳия 4 ноябри соли 1944 аз он ташкилоти комсомолӣ Ҷумаев Ҳаит, Эгамов Раҳим, Бобоев Ғиёсиддин, Шарифов Ҳафиз, Хоҷаев Нарзиқул, Каримова Мӯҳтарама, Ҷумъаев Баротро ба сафи комсомолӣ қабул карда буд.[49]

[49] БП КТ ф.5752, н.1. д.5. в.105.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёр комсомолони пешқадам ба сафи ҳизби Коммунист дохил шуда буданд. Масалан Исмоилова Истамой (8 январи соли 1944) дар охир котиби комитети ҳизбии ноҳия, Раҳимова Муфараҳ — дар охир мудири шӯъбаи комитети ҳизбии ноҳия, Қаххоров Халил — дар охир раиси колхози «1 май», Мирбоев Саид — котиби комитети ҳизбии ноҳия, Баҳромов Ҳайдар — котиби ташкилоти ҳизбии колхози ба номи К.Маркс ва бисёр дигарон.

Бо қарори бюрои КМ ЛКСМ Тоҷикистон аз 26 июли соли 1945 ба вазифаи котиби якуми комитети комсомолони Панҷакент Шодмонов Яздонқул тасдиқ карда шуд. Юнусов Абу аз ин вазифа озод гардид.[50] Шодмонов Яздон дар моҳи августи соли1945 аз вазифаи котиби якуми комитети комсомолони ноҳия озод карда шуда, ба ин вазифа Исмоилов Исроил интихоб гардид.

Дар соли 1945 ба ҳайъати комсомолони Панҷакент дигаргуниҳо ба вуҷуд омада буданд. Дар моҳи апрели соли 1945 дар ноҳия 46 ташкилотҳои ибтидоӣ-комсомолӣ амал карда, дар онҳо 602 аъзои комсомол (котиб Юнусов Абу) буданд.[51]

Дар семоҳаи III соли 1945, ташкилотҳои комсомолӣ 51 адад, дар онҳо комсомолон 566 нафар (котиб Исмоилов Исроил) буданд. Сабаби кам шудани микдори комсомолон аз он ибрат буд, ки карточкаҳои комсомолӣ буданд, аммо одамон набуданд.

## ЁРИИ КОМСОМОЛОН ВА ПИОНЕРОН БА ҶАБҲА ВА ОИЛАҲОИ ҶАНГОВАРОН

Аз рӯзҳои аввали саршавии ҷанг халқи Ватани мо барои ҷабҳа маблағ ва чизҳоро ҷамъ мекарданд.

[50] БП КТ ф.36. н.1. д.8. в.1.
[51] БП КТ ф.5762. н.1. д.8. в.1.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бюрои КМ ЛКСМ Тоҷикистон 8 сентябри соли 1941 «Дар бораи ҷамъ намудани либоси гарм барои Артиши Сурх» қарор қабул кард.[52] Дар қарор гуфта шуда буд, ки маҷлисҳои комсомолӣ ва ҷамъомадҳои пионерӣ гузаронида, ба талабагон фаҳмонидан лозим аст, ки барои Артиши Сурх либосҳои гарм ва дигар либосҳо ҷамъ карда шаванд.

Пионерон ва мактаббачагони Панҷакент тобистони соли 1941 10 гектар замини нахӯдро даравиданд. Пионер Раҷабов Ҷӯра аз колхози ба номи Карл Маркс ба миқдори 185 сӯм рӯзи меҳнат музд кор кард.

Комсомолон ва пионерони Панҷакент 19 марти соли 1944 шанбегӣ гузарониданд, ки дар он 94 комсомолон ва пионерон иштирок карда, 400 ниҳоли дарахтони мевадиҳанда шинониданд.[53]

Бо қарори Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 14 июни соли 1945 комсомоли Ленинӣ барои хизматҳои шоёнаш дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ордени Ленин мукофотонида шуда буд. Ин мукофот ба комсомолони Панҷакент ҳам дахл дорад.

Ташкилотҳои комсомолии Украина, Белоруссия, шаҳрҳои қаҳрамони Москва, Ленинград, Волгоград, Севостопол, Одесса бо ордени «Байрақи Сурх» мукофотонида шуда буданд. Барои мардонагӣ ва қаҳрамонӣ нишон доданашон 3,5 миллион комсомолон бо ордену медалҳои Ҳукумати Шӯравӣ мукофотонида шуданд. Аз 11 ҳазор Қаҳрамонони Иттифоқи Шӯравӣ 7 ҳазораш аъзои комсомол буданд.[54]

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёр сардастаҳои пионерон ба ҷанг рафтанд. Корҳои пионерӣ хеле суст шуданд.

Дар корҳои ташкилии ташкилотҳои пионерӣ баъзе дигаргуниҳо дохил карда шуданд.

Дар асоси қарори бюрои КМ Комсомолии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 1941 ба сардастаҳо ҳуқуқ дода шуд, ки раисони

---

52 БП КТ ф.3. н.4. д.224. в.35.
53 БП КТ ф.5752. н.1. д.7. в.49.
54 Комсомольская жизнь, 1966, №10, с.18.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шӯроҳои отрядро худашон таъйин кунанд. Ба сардории дружина — Штаби дружина роҳбарӣ мекард.

Масъалаи беҳтар кардани роҳбарии комсомол ба ташкилотҳои пионерӣ дар пленуми V КМ Комсомолии Тоҷикистон (28-30 декабри соли 1943) муҳокима карда шуд Пленум ташкилотҳои комсомолиро вазифадор намуд, ки назорати худро бар ташкилотҳои пионерӣ пурқувват намоянд. Дружинаҳои пионериро бо сардастаҳо таъмин кунанд.[55]

Дружинаҳои пионерӣ дар баъзе мактабҳои ноҳияи Панҷакент кори худро беҳтар мекарданд. Сардастаи пионерони Омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент Юнус Бобоев ва командири он Камол Ғаффоров корҳои пионериро хеле хуб ба роҳ монда буданд. Ҷамъомадҳои пионерӣ доир ба қаҳрамониҳои Артиши Сурх дар ҷабҳаҳо гузаронида мешуданд. Ҳардуи онҳо ба ҷабҳа рафтанд. Камол Ғаффоров дар ҷабҳа ҳалок шуд. Юнус Бобоев сиҳат саломат баргашт.

Сардастаи пионерони қишлоқи Ғарибак Файзулло Ёров дар яке аз ҷамъомадҳои пионерӣ дар бораи ба вуҷуд омадани нишони «Ворошиловский значек» нақл кард. Ӯ ҳикоя кард, ки 31 августи соли 1931 К.Е.Ворошилов бо 10 тир паррондан аз 70 хол 69 хол зад. Ана ҳамин хел нишони «Ворошиловский значек» ба вуҷуд омада буд. Файзулло Ёров бо бародараш Раҷаб Ёров якҷоя ба ҷабҳа рафтанд. Файзулло додараш Раҷаброро гӯронд. Худаш ҳам ҳалок шуд.

Пионерони Панҷакент соли 1944 шанбегӣ ташкил карда, 400 дарахт шинонданд.[56] Пионерони тамоми қишлоқҳои Панҷакент дар корҳои колхозҳо фаъолона иштирок мекарданд. Корҳои асосии хоҷагии қишлоқро пионерон мебурданд.

Боре дар як сӯҳбати хосса профессор Бозор Тилавов аз хусуси воқеаҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ гуфтанд, ки мо бачагони колхози ба номи К.Маркс (ҳоло ба номи Хӯҷамуродов)

[55] БП КТ ф.36. н.1. д.351. в.10.
[56] БП КТ ф.5752. н.1. д.7. в.49.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳар рӯз аз соати 4 пагоҳ то шом дар саҳроҳои колхозӣ кор мекардем. Пойҳоямон урён, шикамамон гурусна буд. Яке аз дӯстони мо ба бригадири колхоз чунин гуфт: «Амак, мо ғуломи кием,ки ин қадар гуруснаву ташна кор мекунем?». Бригадирамон ҷавоб доданд: «Не, писаронам. Шумоён ғулом нестед. Аммо ғалларо бояд ҷамъ кунем, то ки аскарон сер бошанду фашистонро нест кунанд». Ба мо фаҳмонданд, ки меҳнати мо ба ҷабҳа даркор аст. Баъд аз он ягон кас ягон сухане нагуфта, ҳамаи мо бачагон аз таҳти дилу ҷон меҳнат мекардем.

Ба ин суханони профессор бояд илова кунам, ки тамоми халқи Панҷакент барои ғалаба дар ҷабҳа кор мекарданд. Шиор фақат якто буд: «Ҳама барои ҷабҳа, ҳама барои ғалаба».

## ТАМОМШАВИИ ҶАНГ ВА ҒАЛАБАИ ШӮРАВӢ

Қушунҳои шӯравӣ 30 апрели соли 1945 Рейхстагро бо ҳуҷум гирифтанд. 2 май Берлин таслим шуд. 8 майи соли 1945 дар Карлехорти наздикии Берлин ба ҳуҷҷати таслимшавӣ Германия имзо кард.[57] Дар ин ҷанги хонумонсӯзи Бузурги Ватанӣ халқи Шӯравӣ 26 миллиону 600 ҳазор нафарро талаф дод.[58] Аз он ҷумла қариб 93 ҳазораш аз Тоҷикистон, 37 нафарашон аз деҳаи Ғарибаки мо буданд.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1418 рӯзу шаб давом кард. Дар ин ҷанг Германия мағлуб шуд. Дар ин ҷанг 507 дивизияҳои Германия ва ҳамсафарони он торумор карда шуданд. 77 ҳазор сомолёт, 107 ҳазор тӯп, 48 ҳазор танк, 10 миллион солдатҳо ва офитсерони он нест карда шуданд.[59]

---

57 Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.8, Душанбе, 1988, с.463.

58 Правда, 1 июли соли 1999.

59 Великая Отечественная война 1941-1945. М., Планета, 1985, г.389.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чӣ сабаб шуд, ки дар ин ҷанги зидди қувваҳои хело зиёди фашистӣ мамлакати мо ғалаба кард? Роли ҳалкунандаро дар ин ҷанги зидди фашизм халқи Шӯравӣ ва Артиши Сурхи он бозид. Лашкаркашони он И.В.Сталин — генералиссимус, маршалҳо Г.К. Жуков, А.И.Антонов, С.М.Будёный, Н.А.Булганин, А.М. Василевский, К.Е.Ворошилов, С.К.Тимошенко ва дигарон ба артиш роҳбарӣ карда, ғалабаро ба даст оварданд.

Ин роҳбарии ҳизби коммунистӣ буд, ки тамоми халқамонро барои муҳофизати Ватан бархезонд. Ҳисси ватандӯстиро дар қалби онҳо тарбия кард. Дар он Ҷанги Бузурги Ватанӣ 3 миллион коммунистон ҳалок гаштанд. 5 миллион аскарон ва афсарон ба сафи ҳизбикоммунистӣ дохил шуданд.[60]

Дар ин ҷанг сохт ва иқтисодиёти сотсиалистӣ бар сохт ва иқтисодиёти капиталистӣ ғалаба кард.[61] Дар ин ҷанг дӯстии халқҳои ИҶШС ғалаба кард. Ягонагии ҷабҳа ва ақибгоҳ ғалаба кард. Халқи Шӯравӣ ғалаба кард, зеро, ки роҳбари ӯ Иосиф Виссарионович Сталин буд.

Маршали Иттифоқи Шӯравӣ Георгий Константинович Жуков дар бораи И.В.Сталин навишта буд: «И.В.Сталин дар кори ба даст овардаи ғалаба бар Германияи фашистӣ ва иттифоқчиёни он шахсан саҳми калоне гузошт. Обрӯи вай ниҳоят калон буд ва бинобар ин, халқ ва қӯшунҳо Сарфармондеҳи Олӣ таъйин шудани Сталинро бо рӯҳбаландӣ маъқул донистанд».[62] «Бешубҳа вай сарфармондеҳи олии арзанда буд» (с.353) Уинстон Черчил дар бораи Сталин гуфта буд: «Ман ба Кремл омадам ва бо доҳии бузурги инқилоб ва ходими хирадманду диловари рус во хӯрдам. Ман фаҳмидам, ки Сталин ҳамаи вазъиятро амиқ ва дақиқ дарк карда, ҷиддиятро аз даст намедиҳад».

Президенти Америка Рузвелт гуфта буд: «Саволҳояш кӯтоҳ, фаҳмо ва ошкоро буданд. Ҷавобҳояш тезу дақиқ буданд ва чунон

60 Великая Отечественная война 1941-1945. М., Планета, 1985, г.8
61 Коммунист, 1985/6 с.58.
62 Жуков Г.К. Ёддоштҳо ва анъанаҳо. Душанбе, Ирфон, 1990, с.343.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

иброз мегардиданд, ки гӯё тадбирашон чанд сол пеш андешида шуда бошанд. Ӯ қилу қолро намеписандад. Ҳаҷваш буррону нишонрас аст».[63]

Гитлер дар бораи Сталин чунин гуфтааст: «Халқи рус барои ғалабааш ба оҳанин будани ин одам саҷда кунад. Агар ӯ ягон вақт ба дасти ман афтад, олитарин эҳтиромро дар ҳаққаш мекунам, ба ӯ _______ беҳтарини Германияро пешкаш мекунам, аммо ӯро ба озодӣ иҷозат намедиҳам.[64]

Дар қарори КМ ҲКИШ аз 4 январи соли 1967 «Дар бораи тайёрӣ ба 50-солагии Инқилоби Кабири сотсиалистии Октябр» гуфта шудааст: «Корнамоии халқи Шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар зидди фашистони истилогар ҷовидонист. Ин ҷанги сахт ва хунрезе буд, ки қурбонии зиёдеро талаб кард. Аммо сохти шӯравӣ ҷамъият ва давлате, ки Инқилоби Октябр барпо намуд, ба озмоишҳои сахттарин тоб овард. Торумор кардани қувваҳои ашадии мудохилаи империалистӣ, душмани бадтарини тараққиёт ва тамаддун — фашизми гитлерӣ — иқтидори шикастнопазири Давлати Сотсиалистиро нишон дод. Ғалабаи Иттифоқи Шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои инкишофи инқилоби сотсиалистӣ дар як қатор мамлакатҳои Аврупо ва Осиё, барои инкишофи пуравҷи ҳаракати миллии озодихоҳӣ шароити мусоид фароҳам овард».[65]

[63] Курьер Таджикистана, 3 июня 1999 г.

[64] Александ Коваленко Жизнь — это борьба, М., Изд-во «Ветеран-отчизны», 2001, с.452.

[65] Дар бораи тайёрӣ ба 50-солагии револютсияи кабири сотсиалистии Октябр, Душанбе, Ирфон, 1967, с.6.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Ленин В.И. П.С.С. том 41.

2. Александр Коваленко. Жизнь — это борьба. М., Изд-во «Ветеран-отчизны», 2001.

3. Армия фронтового народа, М., «Прогресс», 1972.

4. Великая Отечественная война. М., Изд-во «Политическая литература, 1973.

5. Великая Отечественная война. М., Изд-во «Планета», 1985.

6. Жуков Г.К. Ёддоштҳо ва андешаҳо. Душанбе, Ирфон, 1990.

7. Иркаев М., Ю.Николаев, Я.Шарипов Очерки истории советского Таджикистана. Сталинабад, 1957.

8. Лелюшенко Д.Д. Москва-Сталинград-Берлин-Прага. М., «Наука», 1987.

9. Народное образование в СССР. М., Педагогика, 1974.

10. Насриддинов Б. Рози дил. Душанбе., Ирфон, 1963.

11. Расулов Ҷ. 40 лет коммунистической партии Таджикистана. Душанбе, Ирфон, 1964.

12. Сафаров Раҳмонв. Ҳазору як корнома. Китоби якум, 1995, китоби дуввум, 2000.

13. Сборник постановлений СССР, 1942, № 2.

14. Санги мазор, Душанбе, Адиб, 1993. Гирдоваранда Лоиқ Шерали̅.

15. Энциклопедияи советии тоҷик, ҷ.8. Душанбе, 1988.

16. Бойгонии ҳизбҳо коммунистии Тоҷикистон. Фондҳои 3, 36, 5748, 5752, 5361, 5762.

17. Бойгонии давлатии марказии Тоикистон, ф.280, журналҳо.

18. Коммунист, 1985/6

19. Комсомольская жизнь, 1966/№ 10

### Р ӯ з н о м а ҳ о:

20. Коммунист Таджикистана, 1942, 10.II, 8.III, 12.XII, 1948. 23.II.

21. Комсомольская правда, 1941, 22 июн.

22. Курьер Таджикистана, 1994, 3 июн.

23. Комсомолии Тоҷикистон, 1967, 31 май.

24. Правда, 1999, 1 июн.

25. Ҳақиқат, 1980, 6 апрел.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МУНДАРИЧА


Саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ........................................................................ 3

Роҳбарони Комиҷроияи Панҷакент дар солҳои ҷанг ........................................ 9

Панҷакентиҳо қаҳрамонона меҷанганд ........................................................ 12

Барои Ватан ҷони худро фидо карданд ........................................................ 28

Марде борӯманд ........................................................................................ 30

Ному насаби ҷанговарони марҳуми панҷакентӣ............................................ 32

Асирон дар Ҷанги бузурги Ватанӣ................................................................ 46

Ёрии ҳаматарафа ба ҷабҳа ............................................................................ 48

Ғамхорӣ дар ҳаққи сағирон .......................................................................... 54

Колхозҳо дар солҳои ҷанг ............................................................................ 55

Истгоҳҳои мошинӣ-техникӣ ........................................................................ 56

Мактаб ва маориф дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ .................................. 57

Ёрии комсомолон ва пионерон ба ҷабҳа ва оилаи ҷанговарон....................... 64

Тамомшавии ҷанг ва ғалабаи шӯравӣ............................................................ 67

Адабиёти истифодашуда .............................................................................. 70

Рӯзномаҳо.................................................................................................... 70



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Исроил Исмоилов*

# ШУҶОАТ ВА ЗАФАР


Рассом *У. Ашӯров*
Муҳаррири ороиш *А. Муҳаммадиев*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Муҳаррири техникӣ *Ф. Раҳимов*

Ба матбаа 18.04.2005 супорида шуд. Ба чопаш 22.04.2005 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 4,5. Адади нашр 300 нусха. Супориши №23/05.

Нашриёти «*ЭҶОД*».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.


*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*